МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН



ГУЗОРИШ ДАР БОРАИ НАТИҶАҲОИ СОЛОНА – 2023

# ТОҶИКИСТОН

ГУЗОРИШ ДАР БОРАИ НАТИҶАҲОИ СОЛОНА – 2023

# ТОҶИКИСТОН

МИЛАЛИ МУТТАҲИД
ТОҶИКИСТОН

ГУЗОРИШ ДАР БОРАИ НАТИҶАҲОИ СОЛОНА – 2023

# ТОҶИКИСТОН




# МУНДАРИЧА


**Пешгуфтори Ҳамоҳангсози доимии СММ** 04
**Дафтари кишварии СММ дар Тоҷикистон** 05
**Шарикон дар Тоҷикистон** 06
**Нишондиҳандаҳои калидии рушд** 09

**Боби 1:** Тамоюлҳои рушд 11
**Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)** 13
**Рӯйкарди ба додаҳо асосёфтаи гурӯҳи кишварии СММ** 15

**Боби 2:** Бознигарии натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкорӣ оид ба рушди устувор 16

**Натиҷаи ниҳоии 1.** Рушди фарогири инсонӣ 17
**Натиҷаи ниҳоии 2.** Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисоди 21
**Натиҷаи ниҳоии 3.** Идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлими ва экологӣ 25
**Натиҷаи ниҳоии 4.** Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда 29

**Шарикиҳо ва маблағгузорӣ барои Рӯзномаи 2030** 33
**Низоми СММ барои фаъолияти якҷоя** 35
**Амалиётҳои ягона** 37
**Иқдоми гурӯҳи кишварии СММ барои пешрафт дар фарогирӣ** 38
**Иртиботи ягона** 39
**Дарсҳои андӯхташуда** 40
**Тасвири молиявии Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор - 2023** 41

**Боби 3:** Таваҷҷуҳи асосӣ дар соли 2024 44


# ИХТИСОРАҲО

**APDIM** Маркази минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором барои рушди идоракунииии иттилоот дар бораи офатҳо
**CBE** Таҳсилоти босалоҳият (бар асоси қобилият)
**ИДМ** Иттиҳоди давлатҳои мустақил
**CSOs** Созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ
**DESA** Раёсати СММ вобаста бамасалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ
**ESCAP** Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ барои Осиё ва минтақаи Уқёнуси Ором
**EW4All** Ташаббуси Огоҳсозии бармаҳал барои ҳама
**ВМКБ** Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
**GBV** Зӯроварии гендерӣ
**ММД** Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ
**GEF** Фонди глобалии экологӣ
**GPE** Шарикии глобалӣ барои таҳсилот
**ВНМО** Вируси норасоии масунияти инсон
**HLPF** Форуми сиёсии сатҳи баланд
**ICT** Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ
**IFIs** Ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ
**ISDB** Бонки исломии рушд
**KOICA** Агентии Корея ба ҳамкории байналмилалӣ
**MIYCF** Ғизодиҳии модарӣ, навзод ва кӯдакони хурдсол
**MTEA** Нақшаи амали миёнамуддат дар соҳаи таҳсилот
**NDS** Стратегияи миллии рушд
**NGO** Созмони ғайридавлатӣ
**PSEA** Пешгирӣ аз истисмор ва зӯроварии ҷинсӣ
**ҲРУ** Ҳадафҳои рушди устувор
**SPECA** Барномаи махсус барои иқтисодҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон
**SRHS** Хизматрасониҳо дар соҳаи саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ (бозтавлидӣ)
**TB** Бемории сил
**UNCT** Дастаи кишварии СММ
**UNSDCF** Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор
**ЮСАИД** Агентии ИМА барои рушди байналмилалӣ
**VLR** Шарҳи ихтиёрии маҳаллӣ
**VNR** Шарҳи милли ихтиёрӣ
**WASH** Об, санитария ва беҳдошт
**Y-PEER** Шабакаи таҳсилоти ҷавонони ҳамсол



© Didor Sadulloev, UN Tajikistan, 2023



# ПЕШГУФТОР



Тоҷикистон дар соли 2023 рушди устувори иқтисодӣ дар ҳаҷми 8,3% нишон дод ва душвориҳои минтақавӣ ва ҷаҳониро паси сар кард. Сатҳи пасти таваррум, сиёсати тавсеаи пулию қарзӣ ва буҷетӣ ва талаботи қавии истеъмолӣ ба афзоиши ММД мусоидат намуданд. Сатҳӣ камбизоатӣ аз 32% дар соли 2009 то 22% дар соли 2022 коҳиш ёфт. Дар ин давра Тоҷикистон низ ба беҳбудиҳо дар нишондиҳандаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ноил гардид. Бо вуҷуди ин, ҳамон гуна, ки Шарҳи миллии ихтиёрӣ дар соли 2023 (ШМИ) нишон медиҳад, ҳатто бо тамоюли мусбати феълӣ, Тоҷикистон то соли 2030 танҳо метавонад ба 30 дарсади ҳадафҳои рушди устувор ноил шавад.

Сарфи назар аз мушкилоти ҷории геополитикӣ, танҳо гузариши сабз барои Тоҷикистон роҳро ҷиҳати ноил шудан ба дастовардҳои босуръати иҷтимоию иқтисодӣ боз мекунад. Тавре ки дар Шарҳи миллии ихтиёрӣ таъкид шудааст, саноатисозии камкарбон ва дастрасии зиёд ба хизматрасониҳои босифати тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ барои тағйироти мусбат муҳим мебошанд. Тоҷикистон бо мусоидат ва шарикии Созмони Милали Муттаҳид дар самти рушди сабзтар ва фарогиртар барои ҳама қадамҳои лозимро пеша мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳифзи самараноки идоракунии захираҳои обро идома медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Шоҳигарии Нидерланд бузургтарин ҳамоиши кишварҳои узвро барои баррасии масъалаҳои об дар Конфронси оби СММ дар моҳи марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорк бомуваффақият баргузор намуд. Тоҷикистон барои тақвияти ин суръат дар соли 2024 Конфронси 3-уми обро дар сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе баргузор хоҳад кард.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки аҳамияти ҳамбастагии иҷтимоӣ тавассути мубодилаи тиҷорат байни мардуми кишварҳо ва тиҷорати фаромарзӣ, бозорҳои марзии худро бо Афғонистон боз кард. Гуфтушунид бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи делимитатсия ва демаркатсияи сарҳад идома дорад ва имкон дорад то соли 2024 созишнома ҳосил шавад, ки барои сулҳ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ду кишвар имкон фароҳам орад.

Пешрафти устувор ба пешбурди ҳуқуқ барои рушд ва кафолат додани он вобаста мебошад, ки ҳеҷ кас дар канор намонад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 Стратегияи миллии ҳуқуқи инсонро (то соли 2038) қабул кард, ки ҳадафи муҳим барои кишвар ҷиҳати пайгирии рушди инсон ба шумор меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гузоришгари вижаи СММ вобаста ба озодии дин ва эътиқод ва Гузоришгари вижаи СММ вобаста ба масъалаҳои ақалиятҳоро барои арзёбӣ даъват намуд, ки ин боз як падидаи мусбат ва тасдиқи уҳдадориҳои кишвар вобаста ба ҳуқуқи инсон мебошад.

Ҳоло иҷозат диҳед, ки баъзе ташаббусҳои барангезандаро, ки низоми СММ дар доираи Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор (ЧҲСУР 2023-2026) амалӣ кардааст, ёдовар шавам. Ин ташаббусҳо дар ҳаёти мардум тағйироти воқеӣ меоранд ва метавонанд боиси дигаргуниҳои куллӣ дар Тоҷикистон шаванд.

• Зиёда аз 550 000 хонандаи мактаб дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо хӯроки мактабӣ таъмин карда шуданд, ки давомот дар мактаб ва қобилияти дарккунии онҳоро беҳтар намуд. Зиёда аз 77 000 нафар ба оби тоза дастрасӣ пайдо карданд ва ҳоло 300 000 нафар ба шароити санитарии асосӣ дастрасӣ доранд.
• Якҷоя бо созмони Шарикии глобалӣ барои таҳсилот ва Бонки исломии рушд, дафтари СММ дар Тоҷикистон ташаббуси ислоҳоти барномаи таълимиро бо маблағи 86 миллион доллар оғоз кард.

• Зиёда аз 13 000 нафар, ки аксарияташон занон буданд, аз барномаҳои рушди маҳорат ва таъмини шуғл баҳра бурданд. Барномаи миллӣ барои шуғли истеҳсолкунанда ва пурмаҳсул ҷиҳати такмили ислоҳоти давомдори ҳифзи иҷтимоӣ бо мақсади таъсиси ҷойҳои корӣ ва зудтар коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ оғоз гардид.

• Вобаста ба роҳандозии аввалин вомбаргҳои корпоративии сабз, барои таҳкими бозори дохилии сармоя, аз ҷумла ҷорӣ кардани раванди вомбаргҳои сабз, ки ба ҳукумат имкон медиҳад маблағгузории дарозмуддатро сафарбар кунад, кӯмаки техникӣ расонида шуда истодааст.

• Барномаи нави ҳукуматӣ барои хотима додан ба зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон роҳандозӣ шуд, ки бар асоси таҳкурсии мустаҳкам аз тариқи ташаббуси "Нури рӯшноӣ" ташаккул ёфтааст.

• Ташаббуси «Огоҳии бармаҳал барои ҳама» бо мақсади беҳтар намудани омодагӣ ва вокуниши миллӣ ба хатари офатҳо оғоз гардид.

Дар соли оянда Созмони Милали Муттаҳид бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои уҳдадориҳои дарҷшуда дар Стратегияи миллии рушд (2030), тавассути сармоягузорӣ ба низомҳои озуқаворӣ ва амалҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасӣ ба энергия ва арзон шудани нархи он, пайваст кардани одамон ва ҷомеаҳо аз тариқи воситаҳои иртиботии рақамӣ, ба ҳолати дигар гузаронидани таҳсилот, эҷоди ҷойҳои корӣ ва таъмин кардани ҳифзи иҷтимоӣ, коҳиш додани таъсироти тағйирёбии иқлим, маҳдуд кардани талафоти гуногунии биологӣ ва бартараф намудани олудашавӣ ҳамкорӣ хоҳад кард.
Созмони Милали Муттаҳид ҳамкориро бо ҷавонон ҷиҳати фароҳам кардани имкониятҳо барои онҳо ва ташаккули рушди ояндаи Тоҷикистон идома хоҳад дод. Гузашта аз ин, идораҳои СММ кумакҳои худро барои фарогирии гурӯҳҳои осебпазир идома медиҳанд, то овози онҳо шунида шавад ва онҳо аз меваҳои рушди миллӣ баҳра бардоранд.

Дар охир, аз номи гурӯҳи кишварии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи шарикони мо барои ҳамкории давомдорашон самимона изҳори сипос мекунам. Мо якҷоя метавонем рушди ояндаи Тоҷикистонро шукуфотар, пойдортар ва фарогир гардонем.

**Парватӣ Рамасвамӣ**
**Ҳамоҳангсози доимии СММ**
**дар Тоҷикистон**

Parvathy

# ГУРӮҲИ КИШВАРИИ СММ ДАР ТОҶИКИСТОН

Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон, ки аз 24 идораи резидентӣ ва ғайрирезидентӣ, хазинаҳо ва барномаҳо иборат мебошад, рушди Тоҷикистонро тавассути татбиқи Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди усутвор (ЧҲСРУ) барои солҳои 2023-2026 ба таври фаъол дастгирӣ мекунад. СММ дар Тоҷикистон бо ҳузури тӯлонии бештар аз 30 сол дар кишвар ҳамчун шарики боэътимоди ҳукумат дар пешбурди рушди устувор боқӣ мемонад.

Бо такя ба принсипҳои СММ ва афзалиятҳои Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор , Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон ҷиҳати овардани таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва рӯйкадҳои инноватсионӣ барои кумак ба Тоҷикистон дар ноил шудан ба ҳадафҳои рушди он талош менамояд. Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон барои барқарор намудани робитаҳои шарикӣ ҷиҳати дастгирии ҳукумат дар ҳалли мушкилоти муҳим ва пешбурди рушди устувор кумак мекунад, ки барои одамон, шукуфоӣ ва тамоми сайёра муфид мебошад.

Мутобиқи барномаи UN 2.0 Vision, Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи самарабахшии машваратҳои сиёсӣ ва ташаббусҳои барномавӣ талош мекунад. Ин тақвият додани қобилиятҳои дохилӣ, дастгирии беҳтари барномавӣ ва амалиётӣ тавассути муайян кардани тамоюлҳои пайдошаванда, пешгӯии тағйироти эҳтимолӣ ва таҳлили боэътимод барои вокуниши фаъолро дар бар мегирад. Мо ба рушди сармояи инсонӣ афзалият медиҳем, ки ба тағйири рафтор ва таҳкими тавоноиҳои муассисаҳои миллӣ оварда мерасонад, ки барои оянда манфиатҳои устуворро ба вуҷуд меоранд. Гурӯҳи кишварии СММ дар Тоҷикистон ӯҳдадор аст, ки ба шарикони миллӣ дар паси сар намудани давраи гузариш, мусоидат ба мубодилаи дониш ва таҳкими муқовиматпазирӣ кумак расонад.

Food and Agriculture Organization of the United Nations
International Labour Organization
IOM UN MIGRATION
OCHA
UN WOMEN
UNITED NATIONS HUMAN RIGHTS OFFICE OF THE HIGH COMMISSIONER
IFAD
UNIDO
UNDP
UNFPA
unicef for every child
WFP World Food Programme
UNAIDS
UNITED NATIONS UNCTAD
UNODC United Nations Office on Drugs and Crime
World Health Organization
UNESCO
UNECE
UNOPS
UNHCR The UN Refugee Agency
UNDRR UN Office for Disaster Risk Reduction
UN VOLUNTEERS
United Nations Department of Safety and Security



# ШАРИКОН ДАР ТОҶИКИСТОН

СММ дар Тоҷикистон ба ҳукумат, мақомоти миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (СҶШ), бахши хусусӣ, доираҳои илмӣ, расонаҳо, донорҳо ва шарикони рушд барои шарикӣ ва ҳамкории арзишманди онҳо изҳори сипос ва қадрдонӣ мекунад. Тавассути муносибатҳои шарикӣ, СММ дар Тоҷикистон собит намудааст, ки шарики арзанда барои ҳама мебошад ва дар таҳкими сармояи инсонӣ тавассути сармоягузориҳои стратегӣ дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ саҳм мегузорад.

СММ дар Тоҷикистон тавассути таҳкими фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ, маблағгузорӣ, рақамисозӣ ва ҳамкории минтақавӣ ба рушди иқтисоди фарогир ва сабз мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, СММ дар Тоҷикистон ба шарикони миллӣ дар идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ тавассути идоракунии устувори захираҳо, чораҳои самарабахш барои коҳиш додани оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он, паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва омодагӣ ба онҳо кумак мерасонад.

Ғайр аз ин, талошҳои СММ дар Тоҷикистон ба тақвияти идоракунии ба одамон нигаронидашуда ва волоияти қонун тавассути беҳтар кардани хидматрасониҳои давлатӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба хидматрасониҳои ҳуқуқӣ, тавонмандсозии занон, пешгирӣ аз зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон, бартараф намудани табъиз, таҳкими фаъолияти муассисаҳо барои ҳифзи ҳуқуқи инсон, пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳорӣ, дастгирии талошҳои сулҳофаринӣ ва пешбурди ҳамкории фаромарзӣ диққат медиҳанд.




© UN Tajikistan 2023

## НИҲОДҲОИ ДАВЛАТӢ

- Агентии содирот
- Агентии обуҳавошиносӣ
- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия
- Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ
- Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ
- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа
- Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Маркази миллии гуногунии биологӣ ва бехатарии биологӣ
- Қӯшунҳои сарҳаддии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ
- Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ
- Раёсати кафолати ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе
- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақил
- Агентии хоҷагии ҷангал
- Прокуратураи генералӣ
- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
- Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Хадамоти муҳоҷират
- Вазорати кишоварзӣ
- Вазорати фарҳанг
- Вазорати рушди иқтисод ва савдо
- Вазорати маориф ва илм
- Вазорати энергетика ва захираҳои об
- Вазорати молия
- Вазорати корҳои хориҷӣ
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ
- Вазорати саноат ва технологияҳои нав
- Вазорати корҳои дохилӣ
- Вазорати адлия
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
- Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"
- Бонки миллӣ
- Комиссияи ҳуқуқи кӯдак дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кумитаи ҳамоҳангсозии миллӣ оид ба мубориза бо бемориҳои норасоии масунияти одам, сил ва вараҷа
- Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Маркази ҷумҳуриявии педиатрия ва ҷарроҳии кӯдакон
- Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологӣ
- Маркази миллии солимии репродуктивӣ
- Идораи Вакоатдор оид ба ҳуқуқи инсон
- Парламенти Тоҷикистон (Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси Олӣ)
- Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим
- Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика
- Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ
- Маркази ҷумҳуриявии ғизо
- Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО
- Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона
- Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ
- Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди бемории сил
- Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ
- Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика"
- Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ"
- Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ" (Бизнес-инкубатор)
- Корхонаи воҳиди давлатии "Обу корези Душанбе"
- Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"
- Суди Олӣ
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Корхонаи воҳиди давлатии "Заводи протезию ортопедӣ"

## МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ МАҲАЛЛӢ, НОҲИЯВӢ

- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ)
- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон
- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд
- Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

## СОЗМОНҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

- Агентии Оғо Хон Ҳабитат (АКАН)
- Анҷумани ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон
- Дафтари ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун
- Эътилофи созмонҳои ғайридавлатии "Аз баробарии де-юре ба сӯи баробарии де-факто"
- СҶШ "Шабакаи волоияти қонун"
- Иттиҳодияи банақшагирии оила "Гули сурх"
- Маркази ҳуқуқи инсон
- Эътилофи байналмилалии шаҳрҳои фарогир ва устувор
- Иттиҳодияи миллии маъюбон
- Ташкилоти ҷамъиятии (ТҶ) "Ахтари бахт"
- ТҶ "Ассотсиатсияи занон ва ҷомеа"
- ТҶ "Чашма"
- ТҶ "Чашмаи ҳаёт"
- ТҶ "Фемида"
- ТҶ "Фидокор"
- ТҶ "FSD"
- ТҶ "Фонди рушди ҷомеа"
- ТҶ "Гендер ва рушд"
- ТҶ "Ҳамсол ба ҳамсол"
- ТҶ "Ирода"
- ТҶ "Инсон ва Адолат"
- ТҶ "Корвони Умед"
- ТҶ "Мадина"
- ТҶ "Маина"
- ТҶ "Майрам"
- ТҶ "МИР"
- ТҶ Шабакаи "Умед"
- ТҶ "Гурезаҳо, кӯдакон ва шаҳрвандони осебпазир"
- ТҶ "Рӯҳафзо"
- ТҶ "Сурхоб"
- ТҶ "Занони ҳуқуқшинос барои рушд"
- ТҶ "Созмони ҷавонон "Пешрафт""
- ТҶ "Занони Шарқ"
- ТҶ "Илмхона"
- ТҶ "Ҳуқуқ ва шукуфоӣ"
- ТҶ "Рушди инклюзия"
- Муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ" (Бизнес-инкубатор)
- Марказҳои бӯҳронии занон
- Маркази экологии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон

## БАХШИ ХУСУСӢ

- Палатаи савдои Амрико дар Душанбе
- Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон
- Палатаи савдо ва саноат
- Бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд
- Ассотсиатсияи миллии соҳибкории хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Ассотсиатсияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ
- Ширкатҳои хусусӣ
- Ассотсиатсияи рушди сайёҳӣ
- Иттиҳодияи корфармоён

## ДОИРАҲОИ ИЛМӢ ВА ПАЖӮҲИШГОҲҲО, ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

- Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
- Академияи илмҳо, Институти иқтисодиёт ва демография
- Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Муассисаҳои таҳсилоти олӣ
- Воситаҳои ахбори оммаи миллӣ ва минтақавӣ
- Маркази таҳқиқотии "Зеркало"/ҶДММ "Z-Analytics"
- Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
- Муассисаи давлатии илмии "Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон"

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ПАРТНЕРЫ

Migration Multi-Partner Trust Fund
Gavi The Vaccine Alliance
CDC Centers for Disease Control and Prevention
IsDB البنك الإسلامي للتنمية Islamic Development Bank
GREEN CLIMATE FUND
GPE Transforming Education
JOINT SDG FUND
KOICA
JICA
The Global Fund
german cooperation DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT
giz
ADB
Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra
Swiss Confederation
Конфедерации Швейцария
ADAPTATION FUND
USAID FROM THE AMERICAN PEOPLE
gef
WORLD BANK GROUP
IFC International Finance Corporation



© UN Tajikistan, 2023

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ КАЛИДИИ РУШД

Шумораи аҳолӣ
**10.2** миллион
Агентии омор, 2023

Сатҳи камбизоатӣ
**22.5 %**
Агентии омор, 2022

Сатҳи афзоиши ММД
**8.3%**
Агентии омор, 2023

ММД ба ҳар сари аҳолӣ
**$1,054**
Бонки ҷаҳонӣ, 2022

Афзоиши аҳолӣ
**2%**
Агентии омор, 2023

Интиқоли маблағҳои шахсӣ (%-и ММД)
**50.9%**
Бонки ҷаҳонӣ, 2022

Шохиси рушди инсон
0.679
Гузориш оид ба рушди инсон, 2022




**Мудохилаҳои Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор дар Тоҷикистон аз рӯи минтақаҳо.**

Фаъолиятҳо бо макони ҷойгиршавии муфассал нишон дода шудаанд
Фаъолиятҳо танҳо дар сатҳи кишвар нишон дода шудаанд

**Дараҷаи шохиси ҲРУ**
**85** /166

**Хол аз рӯи шохиси ҲРУ**
69.2

**Баҳодиҳӣ тибқи**
98.3

## ПАНЕЛИ ИТТИЛООТӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ ҲРУ



Панели иттилоотӣ: ҲРУ ба даст оварда шудааст; Мушкилиҳо боқӣ мондаанд; Мушкилиҳои назаррас боқӣ мемонанд; Мушкилиҳои асосӣ боқӣ мемонанд; Иттилоот дастрас нест

Тамоюлҳо: Ноил шудан ба ҲРУ аз рӯи ҷадвал ё дар сатҳи қаблӣ; Пешрафти мўътадил; Таназзул; Коҳиш; Иттилоот дар бораи тамоюл дастрас нест

Манбаъ: Гузориш оид ба рушди устувор, 2023 (sdgindex.org)



# Боби 1:
## Тамоюлҳои рушд

Дар соли 2023 Тоҷикистон яке аз кишварҳои босуръат рушдкунанда дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) буд. Ба туфайли вазъияти устувори макроиқтисодӣ, иқтисод 8,3% афзоиш ёфт.[1] Дар ҳамаи бахшҳои асосии иқтисод, ба монанди соҳаи кишоварзӣ, саноат ва хидматрасонӣ суръати нисбатан баланди афзоиш ба қайд гирифта шудааст. Интиқоли устувори маблағҳо[2] ва сатҳи пасти таваррум боиси афзоиши истеъмоли хонаводаҳо гардид.

Бо вуҷуди ин тамоюлҳои мусбат, Тоҷикистон ба таконҳои (шокҳои) берунӣ ҳассос боқӣ мемонад. Ин ба сабаби вобастагии шадид ба интиқоли маблағҳои шахсӣ, иқтисоди диверсификатсиянашуда бо саҳми ками сармоягузории бахши хусусӣ ва касри савдо, ки ба ҳисоби миёна тақрибан 25 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад ва хавфҳои вобаста ба қарзи давлатӣ мебошад. Коҳиши давомдори иқтисоди Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҷараёни итиқоли маблағҳо, ки манбаъи асосии даромади бисёре аз хонаводаҳо дар Тоҷикистон аст, таъсир хоҳад гузошт.

Рушди устувори иқтисодӣ ва ҷараёни назарраси интиқоли маблағҳои шахсӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз рӯи даромад мусоидат кард - яке аз ҳадафҳои асосии рушди устувор – аз 32% дар соли 2009 то 22% дар соли 2022.[3] Илова бар паст шудани сатҳи камбизоатӣ, Тоҷикистон дар расидан ба дигар ҲРУ низ ба пешравиҳои назаррас ноил шудааст, аммо пешрафт нобаробар буд. Мутобиқи шохиси ҲРУ, Тоҷикистон бо 69 хол дар байни 166 кишвар дар ҷои 85-ум қарор дорад.[4] Тибқи таҳқиқоти “Набзи Тоҷикистон” дар соли 2023, амнияти озуқаворӣ дар байни хонаводаҳо ҳамчунон баланд боқӣ мемонад. Тақрибан 15% хонаводаҳо дар бораи гуруснагӣ хабар доданд ва 30% онҳо коҳиши истеъмоли ғизоро дар соли 2023 тасдиқ кардаанд.

Тоҷикистон бо аҳолии ҷавон ва захираҳои фаровони табиӣ барои ноил шудан ба рушди фарогир ва устувор иқтидори бузург дорад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки дар Стратегияи миллии рушд (СМР)[5] баён карда шудаанд, ҳукумат ҷиҳати гузаронидани ислоҳоти сохторӣ, мусоидат ба рушди бахши хусусӣ, баланд бардоштани сатҳи самарабахшӣ ва шаффофият дар идоракунии давлатӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ барои коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба он талош менамояд.

Суръати баланди рушд дар соли 2023 вазъияти молиявиро бо афзоиши даромад аз андоз ва хароҷот беҳтар кард. Хароҷоти давлатӣ ба ҳисоби номиналӣ беш аз 22% афзоиш ёфт. Афзалиятҳои асосии маблағгузории ҳукумат бахшҳои гидроэнергетика ва нақлиёт мебошанд. Бо вуҷуди ин, фазои маҳдуди молиявӣ васеъ кардани хароҷоти иҷтимоӣ ва сармоягузориро барои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ, инноватсия ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва содирот душвор месозад. Дар ҳоле ки хароҷоти иҷтимоӣ беш аз 40% хароҷоти давлатиро ташкил медиҳад, он барои пурра фаро гирифтан ва пешниҳод намудани хидматрасониҳои босифат ба аҳолӣ кофӣ намебошад.



© Didor Sadulloev, UN Tajikistan, 2023

1. Агар тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳамаи маълумоти ҳисобҳои миллӣ аз Агентии омор гирифта шудаанд.
2. Дар соли 2022 афзоиши интиқоли маблағҳои шахсӣ ба фоидаи ҳисоби ҷорӣ баробар ба 15%-и ММД мусоидат намуд: https://data.worldbank.org/indicator/BN.CAB.XOKA.GD.ZS?locations=TJ
3. https://data.worldbank.org/indicator/SI.POV.NAHC?locations=TJ&view=chart
4. https://dashboards.sdgindex.org/profiles/tajikistan
5. https://medt.tj/en/strategy-and-programes/nds2030






© Didor Sadulloev, UN Tajikistan, 2023

Ба таври мисол, хароҷоти хонаводаҳо барои хидматрасониҳои тиббӣ бештар аз 65 фоизи хароҷоти умумии тандурустиро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз маблағгузорӣ, як қатор омилҳои дигар ба пешрафт дар ноил шудан ба ҲРУ таъсир мерасонанд. Ба онҳо қобилиятҳои заъифи институтсионалӣ ва инсонӣ, ҳамоҳангсозии маҳдуд ва ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил мешаванд.

Дар соли 2023 низоми СММ дар расонидани кумак ба Тоҷикистон барои суръат бахшидан ба пешрафт дар ноил шудан ба ҲРУ саҳмҳои стратегӣ ва арзишманд гузоштааст. Дар поён маълумот дар бораи дастгирие оварда шудааст, ки СММ ҷиҳати кумак ба Тоҷикистон дар амалӣ намудани талошҳои он дар бахши рушд анҷом додааст.

- Бо дастгирии СММ, ҳукумат дуюмин Шарҳи милли ихтиёрӣро (ШМИ)[6] барои арзёбии пешрафт дар ноил шудан ба ҲРУ анҷом дод. Бо таваҷҷуҳ ба “рушди сабз барои шукуфоии муштарак”, бознигарӣ дар Форуми сиёсии сатҳи баланди СММ (HLPF) дар моҳи июли соли 2023 пешниҳод карда шуд.
- Бо эътироф намудани аҳамияти фаъолият дар сатҳи зермиллӣ, низоми СММ дар оғоз намудани Шарҳи маҳаллии ихтиёрӣ (ШМИ)[7] ба шаҳри Душанбе, пойтахти кишвар кумак намуд. Ҳукуматҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ дар татбиқи қарорҳо барои ноил шудан ба ҲРУ дар хати пеш қарор доранд.
- Шарикии нав ба маблағи 86 млн. доллари ИМА бо Шарикии глобалӣ барои таҳсилот (GPE)[8], Бонки исломии рушд[9] ва низоми СММ барои дастгирии ислоҳоти барномаи таълимии ба салоҳият асосёфта ва сохтмони 58 мактаб ташкил карда шуд.
- Ҳукумати Тоҷикистон ва Шоҳигарии Нидерландия барои ба таври муштарак ташкил намудани Конфронси СММ вобаста ба захираҳои об дар соли 2023 дар Нью-Йорк дастгирӣ карда шуданд.
- Низоми СММ ташаббуси Котиби генералии СММ “Огоҳсозии бармаҳал барои ҳама (EW4All)[10] вобаста ба паҳн намудани иттилоот дар бораи хавфи офатҳои табиӣ, ошкор кардан, мониторинг, таҳлил ва пешгӯӣ оғоз намуд. Тоҷикистон яке аз кишварҳои аз ҳама осебпазир аз офатҳои табиӣ дар ҷаҳон мебошад. Зарари солонаи иқтисодӣ аз офатҳои табиӣ мумкин аст то ба 1,3 фоизи ММД расад.

6. https://hlpf.un.org/countries/tajikistan/voluntary-national-reviews-2023
7. https://tajikistan.un.org/en/252225-dushanbe-city-launches-voluntary-local-review-process
8. https://www.globalpartnership.org
9. https://www.isdb.org
10. https://tajikistan.un.org/en/243772-un-secretary-general's-early-warnings-all-initiative-launched-tajikistan

# ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР (ҲРУ)

Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030 бо ҲРУ мувофиқат мекунад. Дар доираи 2-юмин Шарҳи миллии ихтиёрӣ, Ҳукумати Тоҷикистон бо дастгирии Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои Осиё ва минтақаи Уқёнуси Ором (ESCAP) ва Дафтари ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон пешрафтеро арзёбӣ намуд, ки кишвар дар самти ба даст овардани ҲРУ ноил шудааст.

Василаи пайгирии миллии ҲРУ барои андозагирӣ кардани пешрафт ва муайян кардани соҳаҳои такмилдиҳӣ таҳия карда шудааст. Тоҷикистон дар роҳи расидан ба Ҳадафи 1 (барҳам додани камбизоатӣ) ва Ҳадафи 10 (кам кардани нобаробарӣ) қарор дорад. Дар мавриди Ҳадафи 16 (таъмини сулҳ, адолат ва муассисаҳои қавӣ)[11] ва Ҳадафи 11 (шаҳрҳо ва ҷомеаҳои устувор) пешравиҳои назаррас ба даст оварда шудаанд. Бо вуҷуди ин, бо суръати кунунӣ Тоҷикистон дар хавфи аз даст додани 70 фоизи 84 ҳадафи ҲРУ қарор дорад, ки барои онҳо маълумоти кофӣ мавҷуд аст.

Ҳарчанд истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия афзоиш ёфтааст, истеъмоли энергия афзоиш меёбад (Ҳадафи 7). Дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои саноати хурд ҳамчунин нигаронкунанда аст (Ҳадафи 9). Дигар соҳаҳое, ки ба такмил ниёз доранд, ҳифзи иҷтимоӣ, кишоварзии устувор ва муқовиматпазир, муассисаҳои таълимии фарогир, истифодаи об ва самарабахшии энергия, ҳуқуқи меҳнат ва муҳити бехатари корӣ, идоракунии захираҳои табиӣ ва маблағгузории диверсификатсияшуда ва устувор барои рушд мебошанд.

Ҳарчанд ҳоло маълумот дар бораи 37 нишондиҳандаи дигар мавҷуд аст[12], тақрибан нисфи ҳадафҳои ҲРУ ё 78 нишондиҳанда ба сабаби маълумоти нокофӣ андозагирӣ карда намешаванд[13]. Ғайр аз ин, маълумоти кухнашуда дар бораи хонаводаҳо андозагирӣ кардани тағйирот дар некӯаҳволии иҷтимоиро душвор месозад. Сарфи назар аз ин маҳдудият, василаи пайгирии миллии ҲРУ тасвири арзишманди пешравии Тоҷикистон дар самти ба даст овардани ҲРУ мебошад.




## Тасвири пешрафт дар самти ноил шудан ба ҲРУ дар Тоҷикистон, 2022




Пешрафт | Пасрафт | Нишондиҳандаҳои нокофӣ | Ҷиҳатҳои қавии далелҳо

11. Бояд зикр карда, ки камтар аз се як ҳиссаи нишондиҳандаҳо барои арзёбии Ҳадафи 16 дастрас мебошанд.
12. DESA, Global SDG Database (Махзани иттилооти глобалӣ дар бораи ҲРУ): https://unstats.un.org/sdgs/dataportal
13. ESCAP, Asia-Pacific SDG Gateway (Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои Осиё ва минтақаи Уқёнуси Ором, Портали Осиё ва Уқёнуси Ором дар бораи ҲРУ): https://data.unescap.org/data-analysis/sdg-data-availability



## Саҳми СММ барои ноил шудан ба ҲРУ

Дар ҷадвали поён намоиши визуалии тақсимоти захираҳо ба ҳар ҲРУ ба таври пешфарз бар асоси захираҳои вуҷуддошта дар нақшаи кории муштарак оварда шудааст.

| ҲРУ | Маблағгузории дастрас | Фоизи маблағгузории умумӣ |
|---|---|---|
| 1 Барҳам додани камбизоатӣ | USD: $7.4m | 6.96% |
| 2 Барҳам додани гуруснагӣ | USD: $21.9m | 20.74% |
| 3 Саломатӣ ва некуаҳволӣ | USD: $23m | 21.72% |
| 4 Таҳсилоти босифат | USD: $12.3m | 11.64% |
| 5 Баробарии гендерӣ | USD: $9.3m | 8.76% |
| 6 Оби тоза ва беҳдошт | USD: $1.7m | 1.65% |
| 7 Нерӯи тоза ва дастрас | USD: $219.6k | 0.21% |
| 8 Меҳнати сазовор ва рушди иқтисодӣ | USD: $7.9m | 7.46% |
| 9 Саноатикунонӣ, инноватсия ва инфрасохтор | USD: $937.4k | 0.89% |
| 10 Коҳиши обаробарӣ | USD: $2.9m | 2.76% |
| 11 Шаҳру маҳалҳои устувор | USD: $292.3k | 0.28% |
| 12 Истеъмолу истеҳсоли оқилона | USD: $787.5k | 0.75% |
| 13 Мубориза бо тағйирёбии иқлим | USD: $2.9m | 2.74% |
| 15 Нигаҳдории экосистемаи заминӣ | USD: $97.7k | 0.09% |
| 16 Ҷомеаи осоишта ва дастрасӣ ба адлия | USD: $9.9m | 9.34% |
| 17 Ҳамкорӣ барои рушди устувор | USD: $4.3m | 4.03% |

Ин рақамҳо ҳанӯз 9,1 ҳазор доллари ИМА - захираҳоеро, ки дар ихтиёри барнома қарор доранд ва ба ҳадафи мушаххаси рушди устувор дар UN NFO ворид карда нашудаанд, шомил намешаванд.

## Камбудии маблағгузории Барномаи қолабии СММ барои ҳамкорӣ дар соҳаи рушди усутвор аз рӯи ҲРУ

Тасвири мазкур камбудии умумии маблағгузориро барои ноил шудан ба ҳар ҲРУ дар кишвар инъикос намекунад.




118.1m – захираҳои зарурӣ
105.7m – захираҳои дастрас
89.5% – фарогирии захираҳои зарурӣ

| | |
|---|---|
| 1 Барҳам додани камбизоатӣ — 84.6% фарогирӣ | 2 Барҳам додани гуруснагӣ — 97% фарогирӣ |
| 3 Саломатӣ ва некуаҳволӣ — 91.9% фарогирӣ | 4 Таҳсилоти босифат — 100% фарогирӣ |
| 5 Баробарии гендерӣ — 99.1% фарогирӣ | 6 Оби тоза ва беҳдошт — 86.3% фарогирӣ |
| 7 Нерӯи тоза ва дастрас — 100% фарогирӣ | 8 Меҳнати сазовор ва рушди иқтисодӣ — 99.1% фарогирӣ |
| 9 Саноатикунонӣ, инноватсия ва инфрасохтор — 26.3% фарогирӣ | 10 Коҳиши обаробарӣ — 98.9% фарогирӣ |
| 11 Шаҳру маҳалҳои устувор — 95.7% фарогирӣ | 12 Истеъмолу истеҳсоли оқилона — 78% фарогирӣ |
| 13 Мубориза бо тағйирёбии иқлим — 53.9% фарогирӣ | 15 Нигаҳдории экосистемаи заминӣ — 77.2% фарогирӣ |
| 16 Ҷомеаи осоишта ва дастрасӣ ба адлия — 92.1% фарогирӣ | 17 Ҳамкорӣ барои рушди устувор — 71.3% фарогирӣ |

# Рӯйкарди ба додаҳои асосёфтаи Гурӯҳи кишварии СММ

**СММ дар Тоҷикистон Агентии оморро барои амалисозии ташаббусҳои муҳим ҷиҳати таҳкими имкониятҳои таҳлилии он дастгирӣ намуд, ки ба пешбурди роҳиҳалҳои ба далелҳо асосёфта барои ноил шудан ба ҲРУ нигаронида шудаанд.**

## Рӯйдодҳои муҳим дар соли 2023

- Бо дастгирии Хазинаи нуфуси СММ (ЮНФПА), Хазинаи Кудакони СММ (ЮНИСЕФ) ва ЮСАИД “Таҳқиқоти демографӣ ва соҳаи тандурустӣ дар Тоҷикистон” (2023 Demographic and Health Study of Tajikistan MHS) оғоз шуд, ки барои баланд бардоштани сатҳи самарабахшии қабул кардани қарорҳо бо натиҷаҳои дар соли 2024 интизорраванда пешбинӣ шудааст.
- Дар чаҳорчӯби Барномаи СММ ва Иттиҳодияи Аврупо Ташаббуси “Нури рӯшноӣ” таҳияи дастурамалҳо ва системаи электронии ҳуҷҷатгузорӣ ва таҳлили зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон дастгирӣ карда шуд.
- Дар натиҷаи ҳамкории идораи ҳамоҳангсози доимии СММ, Агентии омор ва созмонҳои шахсони дорои маъюбият маълумот дар бораи шахсони дорои маъюбият ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуд.
- Василаи пайгирии миллии ҲРУ дар ҳамкорӣ бо Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои Осиё ва минтақаи Уқёнуси Ором, идораи ҳамоҳангсози доимии СММ ва Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон барои иттилоъ додан дар бораи 2-юмин Шарҳи миллии ихтиёрӣ таҳия карда шуд, ки дар Форуми сиёсии сатҳи баланд дар Ню-Йорк муаррифӣ карда шуд. Ин ҳамкорӣ дар соли 2024 дар доираи Шарҳи маҳаллии ихтиёрӣ дар шаҳри Душанбе идома хоҳад ёфт.
- Омори демографӣ таҳким дода шуда, барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилро дар соли 2020 тавассути шарикӣ бо Хазинаи нуфуси СММ дастгирӣ карда шуд, ки дар таҳияи консепсияи сиёсати демографӣ барои Тоҷикистон то соли 2040 мусоидат менамояд.
- Милликунонии ҲРУ такмил дода шуда, ҷамъоварии маълумот беҳтар карда шуд ва системаи пайгирии ҲРУ дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ ташкил карда шуд, ки боиси беҳтар шудани ҳисоботи оморӣ гардид.
- Равона намудани диққат ба амнияти озуқаворӣ дар ҳамкорӣ бо ФАО, гузаронидани таҳқиқотҳои озмоишӣ ва баланд бардоштани тавонмандӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои ҲРУ ба ҷамъоварии дақиқи маълумот барои ҳисоботи Дараҷаи (шкала) таҷрибаи камбуди озуқаворӣ (FIES) ва арзёбии истеҳсоли зироатҳо мусоидат менамоянд.
- Таҳқиқоти ҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон якҷо бо Созмони ҷаҳонии тандурустӣ барои татбиқ омода карда шудааст, ки ҷиҳати васеъ намудани ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти тандурустӣ, маъюбӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст.



© Didor Sadulloev, UN Tajikistan, 2023



# Боби 2:
## Бознигарии натиҷаҳои

Чаҳорчӯби ҳамкории СММ  ва Ҳукумати Тоҷикистон оид ба рушди устувор барои солҳои 2023-2026 (ЧҲСРУ) дар доираи раванди машваратӣ бо иштироки мақомоти миллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ, доираҳои илмӣ, ВАО ва шарикони байналмилалии рушд таҳия шудааст. Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор уҳдадории муштараки Ҳукумати Тоҷикистон ва СММ дар Тоҷикистонро ҷиҳати ҳамкорӣ ва шарикӣ бо ҷонибҳои манфиатдор барои амалӣ намудани афзалиятҳои рушди Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2016-2030 ва Ҳадафҳои рушди устувор баён шудаанд, муаррифӣ мекунад. Аз ҷумла, Ҳукумати Тоҷикистон ва низоми СММ дар Тоҷикистон барои таъмин намудани мавридҳои зерин якҷо кор хоҳанд кард:

1) Рушди фарогири инсонӣ;
2) Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисодӣ;
3) Идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ;
4) Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда.

Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор ҷиҳати мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ, ташкил намудани ҷойҳои кории муносиб, баланд бардоштани сатҳи самарабахшӣ ва ҳисоботдиҳии муассисаҳои давлатӣ, пешниҳод кардани хидматрасониҳои босифати иҷтимоӣ, мусоидат ба фарогирии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани тавонмандӣ ва устувории миллӣ талош менамояд. Дар Ҳисоботи солона дар бораи натиҷаҳои соли 2023 иттилооти мухтасар дар бораи ҳар кадоме аз чор натиҷаи ниҳоии Барномаи қолабии СММ барои ҳамкорӣ дар соҳаи рушди усутвор пешниҳод карда шудааст. Он ҳамчунин мушкилиҳо ва ҳикояҳои одамонро дар маҳал дар бар мегирад.



© Nozim Kalandarov, ITC Tajikistan, 2023

# Натиҷаи ниҳоии 1
# Рушди фарогири инсонӣ

То соли 2026 системаҳо ва хидматрасониҳои тандурустӣ, амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ бештар самарабахш, фарогир, ҳассос ба масалаҳои гендерӣ ва ба таври муносиб маблағгузорӣ карда мешаванд.



© Muhammad Mirzoev, 2023

В соответствии с

1 NO POVERTY; 2 ZERO HUNGER; 3 GOOD HEALTH AND WELL-BEING; 4 QUALITY EDUCATION; 5 GENDER EQUALITY; 6 CLEAN WATER AND SANITATION; 8 DECENT WORK AND ECONOMIC GROWTH; 10 REDUCED INEQUALITIES; 16 PEACE, JUSTICE AND STRONG INSTITUTIONS; 17 PARTNERSHIPS FOR THE GOALS

Агенства ООН

UNDP, unicef for every child, World Food Programme, World Health Organization, UNFPA, International Labour Organization, UNESCO, IOM UN MIGRATION, UNHCR, UNOPS, Food and Agriculture Organization of the United Nations, UNAIDS

Партнеры по финансированию

USAID, Gavi, The Global Fund, IsDB Islamic Development Bank, Migration Multi-Partner Trust Fund, CDC, ADB



$49,194,959 — Буҷет
$ 43,023,497 (87%) — Аз худ шудааст

Хидматрасониҳои давлатии хуб маблағгузоришаванда ва босифат барои беҳтар кардани рушди инсонӣ дар Тоҷикистон муҳим мебошанд. Низоми СММ бо ҳукумат бо мақсади мусоидат ба пешниҳоди хидматрасониҳо ва истифодаи самарабахш аз захираҳои маҳдуди давлатӣ дар баробари афзалиятбандӣ намудани хидматрасониҳо барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва минтақаҳои ба таври кофӣ фарогирифтанашуда бо хидматрасониҳо ҳамкорӣ намудааст.

Дар давраи солҳои 2019 ва 2023, хароҷоти давлатӣ барои соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва маориф ба ҳисоби номиналӣ афзоиш ёфт. Бо вуҷуди ин, бо дарназардошти таносуб он танҳо дар соҳаи тандурустӣ андаке афзоиш ёфтааст. Хароҷоти давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ 8 фоизи хароҷоти ҳукуматро дар соли 2023 ташкил дод, ки ҳанӯз ҳам паст боқӣ мемонад. Ҳиссаи хонаводаҳо дар хароҷоти умумии тандурустӣ бештар аз 65 фоизро ташкил медиҳад.[14]

Бо дастгирии СММ 97 фоизи кӯдакони мавриди ҳадаф бар зидди бемориҳои пешгиришавандаи кӯдакон, ба монанди сурхча ва сурхакон, дар доираи барномаи миллӣ эмгузаронӣ карда шуданд. Ҳукумат барои баланд бардоштани сифат ва васеъ намудани фарогирӣ бо хидматрасониҳои солимии репродуктивӣ дар доираи Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ карда мешавад, 740 000 доллари ИМА ҷудо кардааст. Дар натиҷа, ҳоло 86 фоизи таваллудҳо аз ҷониби мутахассисони боихтисос қабул карда мешаванд. Ғайр аз ин, низоми СММ ҳукуматро барои пешниҳод намудани хидматрасониҳо ҷиҳати пешгирӣ ва табобати ВНМО ва бемории сил барои бештар аз 41 000 шахси осебпазир, аз ҷумла кӯдакон ва наврасон дастгирӣ намуд.

## Пешрафт

Низоми СММ бо ҳукумат, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони байналмилалии рушд ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани хидматрасониҳои муҳими иҷтимоӣ, ба монанди тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини об ва санитария, амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ кор кард. Натиҷаҳои назаррасе, ки дар доираи ин шарикӣ дар соли 2023 ба даст оварда шудаанд, мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

### Тандурустӣ

- Маъракаҳои эмгузаронӣ бар зидди сурхак ва сурхакон барои кӯдакони аз 6 моҳа то 15 сола дар саросари кишвар гузаронида шуданд.
- 14 сиёсати соҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ барои таҳкими хидматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, пешгирии сироятҳо, назорат ва идоракунии бемориҳои ғайрисироятӣ аз нав дида баромада шуданд.
- Иқтидори чоряки муассисаҳои тиббӣ барои пешниҳоди маҷмӯи ҳамаҷонибаи хидматрасониҳои солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ (SRHS) тақвият дода шудаанд.
- Такмили тавоноиҳо боиси коҳиши суръати интиқоли амудии ВНМО гардид. Ғайр аз ин, бори аввал хидматрасониҳои вобаста ба табобати ВНМО барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои мақсад дастрас карда шуданд.

### Ҳифзи иҷтимоӣ

- Нақшаи амалҳои 3-сола барои татбиқи Стратегияи миллии ҳифзи иҷтимоӣ ва бештар ҷавобгӯ кардани он ба омилҳои/шокҳои берунӣ, ба монанди офатҳои табиӣ ва пандемия таҳия карда шудааст.
- Таҳияи Стратегияи танзими муҳоҷират бо афзалиятҳои асосӣ ва маҷмӯи натиҷаҳои интизорраванда барои пешбурди муҳоҷирати бехатар ва ботартиб.
- Бештар аз 3700 гуреза ва паноҳҷӯён аз тадбирҳои махсуси ҳифзи иҷтимоӣ барои таъмини некӯаҳволии онҳо баҳраманд шуданд.

14. https://data.worldbank.org/indicator/SH.XPD.OOPC.CH.ZS?locations=TJ

- Таҳияи нақшаҳо дар ҳолатҳои фавқулодда ва таҳкими иқтидори мақомоти даҳлдори давлатӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои зуд васеъ намудани микёси интиқолҳои бидаргардӯстонаи пули нақд дар ҳолати офатҳои табиӣ ва шокҳо.

### Маориф

- Нақшаи амалҳои миёнамуҳлат дар соҳаи маориф (барои солҳои 2024-2026) таҳия карда шудааст, ки такмили ихтисоси омӯзгорон ҳангоми идома додани кор ва талошҳо барои пешгирӣ аз истиснокунии кӯдакон ва наврасони осебпазирро дар бар мегирад.
- Нақшаи амалҳои миёнамуҳлат дар соҳаи маориф ҳамчунин амалисозии ислоҳоти таҳсилоти ба салоҳият асосёфтаро дастгирӣ мекунад, ки яке аз ислоҳоти афзалиятдори Вазорати маориф ва илм мебошад.
- Харитаи роҳи миллӣ вобаста ба табдилдиҳии рақамии системаи маориф тасдиқ карда шуд, ки дар он чаҳорчӯби сиёсӣ барои роҳнамоии татбиқи устувори рақамисозӣ дар соҳаи маориф муайян карда шудааст.

### Об, санитария ва гигиена

- Нақшаи стратегии бо ҳисоб намудани хароҷот барои таъмини гигиенаи умумии дастон дар муассисаҳо ва хонаҳо дар саросари кишвар таҳия карда шудааст.
- Бознигарии бахши об, санитария ва гигиена ва қабули Стратегияи миллии об. Ҳукумат уҳдадор шуд, ки маблағгузорӣ ва таъмини дастрасӣ ба оби тоза ва санитарияро афзоиш диҳад ва ба мактабҳо ва муассисаҳои тандурустӣ диққати махсус диҳад. Тақрибан 77 000 ва 300 000 шахс мутаносибан ба оби тоза ва хидматрасониҳои асосии санитарӣ дастрасӣ пайдо намуданд.

### Амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ

- Стратегияҳо ва нақшаҳои нав дар бахши ғизои мактабӣ, ғанигардонии маводи озуқаворӣ бо микроэлементҳо ва аз байн бурдани гуруснагӣ дар минтақаҳои мавриди ҳадафи дороии норасоии озуқаворӣ таҳия карда шуданд.
- Бештар аз 550 000 хонандаи мактабҳо, ки дар минтақаҳои дорои норасоии озуқаворӣ зиндагӣ мекунанд, дар синфҳои аз 1 то 4 фаро гирифта шуда, бо ғизои мактабӣ таъмин карда шудаанд. Тақрибан нисфи кӯдакон духтарон буданд.
- Ба бештар аз 205 000 шахс дар 42 ноҳия ва шаҳрҳо, аз ҷумла минтақаҳои зарардида аз обхезӣ кумаки озуқаворӣ расонида шуд.
- 126 лоиҳа вобаста ба таъмини ғизо ва ба даст овардани даромад, аз ҷумла гармхонаҳо ва хоҷагиҳои чорводорӣ, занбӯри асал ва моҳипарварӣ дар 118 мактаб дар 31 ноҳия амалӣ карда шуданд.
- 1,5 шахс тавассути мудохилаҳои вобаста ба коммуникатсияи тағйироти иҷтимоӣ ва рафтор аз тариқи воситаҳои ахбори омма фаро гирифта шуданд, ки дар онҳо ғизои солим, гуногунии ғизо ва гигиенаи дастон ташвиқ тарғиб карда шуданд. 58 ҳазор зани ҳомиладор/ширдеҳ машваратҳо вобаста ба ғизохӯрӣ/синамаконӣ дарёфт намуданд. Ба 281 ҳазор кӯдаки 6-11 моҳа ва 2,1 миллион кӯдаки 12-59 моҳа витамини А ба даст оварданд. 5,6 ҳазор кӯдаки аз 6 то 59 моҳа аз камғизоии шадид табобат гирифтаанд.



© WFP Tajikistan, 2023

## Мушкилиҳо

- Инфрасохтори заифи тандурустӣ, махсусан дар сатҳи ноҳия, тақсимоти нобаробари кормандони тиббӣ дар байни минтақаҳои шаҳр ва деҳот, зуд-зуд аз кор рафтани кормандон.
- Пароканданӣ дар таҳияи сиёсати соҳавӣ ва амалисозии барномаҳо яке аз нигарониҳои асосӣ мебошад. Масалан, барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ҳамоҳангсозии бештар, ҳамгиросозӣ ва меъёрҳои ҳамоҳангшудаи мавриди ҳадаф қарор додани баҳрагирандагонро талаб мекунанд.
- Ба ҳамин монанд, амалисозии ислоҳоти таҳсилоти ба салоҳият асосёфта дидгоҳи муштараки ҷонибҳои манфиатдор ва нақшаи амалҳои маҷмӯиро бо буҷети мувофиқ талаб мекунад.
- Харитаи пайвастшавӣ ба интернет нишон дод, ки танҳо 16 фоизи мактабҳо ба интернет дастрасӣ доранд, ки пайвастшавӣ ба интернетро ба яке аз соҳаи асосии нигаронӣ табдил медиҳад.
- Сатҳҳои баланди доғиننг (стигма) ва табъиз нисбат ба шахсони зиндагикунанда бо ВНМО. Ҷиноят ҳисоб намудани интиқоли ВНМО ба пешниҳоди хидматрасониҳои вобаста ба пешгирӣ ва табобат таъсир мерасонад.
- Муолиҷаи кӯдакони гирифтори норасоии шадиди ғизоии вазнин бо манъ кардани воридоти баъзе намудҳои шир ва ғизои табобатӣ аз ҷониби ҳукумат ва истифода аз табобатҳои ғайристандартӣ ва хатарнок душвор мешавад.
- Гурезаҳо ба низоми миллии ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақа дохил карда нашудаанд.
- Норасоии умумии маълумоти гурӯҳбандишуда барои муайян кардани осебпазирӣ ва равона намудани хидматрасониҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои бештар осебпазири аҳолӣ вуҷуд дорад.
- Сарфи назар аз пешрафтҳое, ки аз соли 2020 инҷониб ба даст омадаанд, маблағҳои буҷети давлатӣ барои хидматрасониҳои муҳими иҷтимоӣ ҳанӯз кофӣ намебошанд.
- Хароҷот барои расонидани кумаки иҷтимоӣ дар Тоҷикистон пасттарин дар минтақа боқӣ монда, фарогирии хонаводаҳои камбизоаттарин нокофӣ мебошад.[15]

## Ҳикояҳо аз маҳал

### Дастгирии ҳуқуқӣ барои занон ва кӯдакони "дар канор монда": ҳикояи момаи Шакар.

Дар яке аз деҳаҳои ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон зани маъруфе бо номи Маҳмурдова Шакармоҳ ё "момаи Шакар" зиндагӣ мекунад. Ҳоло вай 78-сола аст. Ӯ камбизоатиро паси сар карда, барои ба воя расондани оилаи иборат аз 10 фарзанд ва 7 набера мушкилиҳоро аз сар гузаронидааст. Шумораи ками аъзоёни оилаи ӯ ҳуҷҷатҳои дурусти тасдиқкунандаи шахсият доштанд ва ҳамаи набераҳонаш шаҳодатномаи таваллуд надоштанд.

Ин онҳоро "ноаён" намуд ва онҳо натавонистанд ба хидматрасониҳои асосии иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Одамоне, ки ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият надоранд, бо мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ба ҳар ҷанбаи ҳаёти онҳо, аз ҷумла бақайдгирӣ барои кор, издивоҷ, иштирок дар интихобот ва дигар корҳои шаҳрвандӣ таъсир мерасонад.

Барнома вобаста ба тавонмандсозии занон ва кӯдакони дар канор мондаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ карда мешавад, барои бартараф кардани ин камбудӣ талош кардааст. Барнома аз ҷониби Созмони Байналмиллалӣ Муҳоҷират, ЮНИСЕФ ва созмони Занони СММ роҳандозӣ карда шудааст. Дар ҳамкории наздик бо мақомоти шаҳрҳо, момаи Шакар ва оилаҳое мисли ӯ чиҳати гирифтани шаҳодатномаи таваллуд барои фарзандонашон хидматрасониҳои ҳуқуқӣ дарёфт намуданд.

Тавассути барномаи мазкур бештар аз 400 зан ва 2200 кӯдак ҳуҷҷатҳои шаҳрвандиро ба даст оварда, ба хидматрасониҳои муҳими иҷтимоӣ дастрасӣ пайдо карданд. Бо ҳуҷҷатҳои мувофиқ, момаи Шакар, оилаи ӯ ва бисёр оилаҳои дигар ҳоло метавонанд таҳсилот ва воситаҳои рӯзгузаронии беҳтарро ҷустуҷӯ кунанд. Ин ба онҳо барои раҳоӣ аз чархаи камбизоатӣ кумак мекунад, ки аз насл ба насл интиқол меёбад.

Мисоли момаи Шакар ва оилаи ӯ шаҳодати қудрати суботкорӣ ва иттилооте мебошад, ки метавонад ба одамон дар таъмини ҳаёти шоиста кумак расонад.

15. Хароҷот 0,8 фоизи ММД-ро дар муқоиса бо 2 фоизи ММД нисбат ба кишварҳои муқоисашавандаи минтақавии Хазинаи байналмилалии асъор ташкил додаанд, Republic of Tajikistan: 2022 rticle IV Consultation-Press Release (Ҷумҳурии Тоҷикистон: соли 2022, Моддаи IV-и пахши матбуотии машваратӣ), марти соли 2023.


© UN Tajikistan, 202




© Judith Sprunken, WHO Tajikistan, 2023

### Эмгузаронӣ ва кумаки тиббӣ дар иқлими -45°C

Дарканормонӣ, обуҳавои шадид ва роҳҳои бад – воқеият барои мардуми кӯҳистони Мурғоб дар шарқи Тоҷикистон мебошад. Дар баландии тақрибан 4000 метр аз сатҳи баҳр ҳарорати ҳаво дар фасли зимистон метавонад то -45°C паст шавад. Дар ин минтақа ҳамчунин як қатор кормандони содиқтарини соҳаи тиб дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд.

Парастори тиббӣ Юнус ва духтур Абдиманап барои деҳаи Қарокӯл (аҳолӣ 762 нафар) ва шаҳри Мурғоб (аҳолӣ 6000 нафар) хидмат мерасонанд. Онҳо бо аъзоёни гурӯҳи тиббии худ дар соли 2023 барои гузаронидани маъракаи эмгузаронии умумимиллӣ ҷиҳати пешгирӣ аз хуруҷи сурхча ва пешгирии сирояти сурхча бидуни танаффус кор карданд. Гузаронидани маърака дар Мурғоб боз ҳам душвортар аст, зеро мардум бештар бодиянишин ҳастанд ва бо чорвои худ аз як макон ба макони дигар ҳаракат мекунанд.

Кори муштараки Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ва ЮНИСЕФ барои омӯзиш додани таъминкунандагони хидматрасониҳои тиббӣ ва муҷаҳҳаз кардани муассисаҳои тиббии маҳаллӣ бо таҷҳизоти зарурӣ, ваксинаҳо ва яхдон кумак кард. Кормандони соҳаи тиб ҳоло бо итминон манфиатҳои эмгузарониро шарҳ медиҳанд ва якҷо бо пешвоёни дин ва куҳансолони маҳаллӣ эътимоди ҷомеаро мустаҳкам мекунанд ва ба маълумоти бардурӯғ муқобилат менамоянд.

Юнус ҳамеша аз минтақаҳои ноҳамвор убур мекунад, то ба онҳое, ки дар юртҳо ва маҳалҳои аҳолинишини дурдаст зиндагӣ мекунанд ва кӯдаконе кумаки тиббӣ расонад, ки ҳанӯз эмгузаронӣ карда нашудаанд: **"Дар моҳҳои зимистон дар ин ҷо душвор аст… аммо мо меравем. Мо ба одамон ба тарви шабонарӯзӣ кумак мерасонем. Ин кори душвор аст, вале орзуи кӯдакии ман буд, ки таҳсилоти тиббӣ дошта бошам ва ба мардум хидмат намоям".**

Дар маркази саломатии Мурғоб толор аз падару модарон, бобою бибиҳо ва фарзандони онҳо, ки барои эмгузаронӣ омадаанд, пур буд. Доктор Абдиманап ҳамчун чаррох таҳсил карда, барои хидмат ба ҷомеаи худ ба ин ҷо баргаштааст. Пас аз муоинаи умумии саломатӣ кӯдакон бо падару модарашон барои эмгузаронӣ даъват карда мешаванд. Доктор Абдиманап аҳамияти онро ба тарви ҷиддӣ дарк мекунад: **"Ин маърака муҳим аст. Ман дар кӯдакӣ ба бемории сурхча гирифтор шудам. Ман эмгузаронӣ карда нашуда будам ва сахт бемор шудам. Барои ҳамин ман мехоҳам ҳамаи кӯдакони ноҳияи Мурғобро аз бемориҳои пешгиришаванда ҳифз кунам".**

Шароит дар кӯҳсори Мурғоб ба тарви назаррас беҳтар шудааст. Муассисаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ дар ҳолати беҳтар қарор дошта, ба духтур ва кормандони ӯ имконият медиҳад, ки ба тамоми аҳолӣ хидматрасониҳои зарурии тиббиро пешниҳод намоянд.

Ин ҳикоя иқтибос шудааст аз: https://www.who.int/tajikistan/news/item/11-09-2023-providing-health-care-at--45--c--tajikistan-s-heroes-of-the-world-s-highest-plateau

# Натиҷаи ниҳоии 2. Рушди устувор ва фарогири сабзи иқтисодӣ

То соли 2026 муассисаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ барои татбиқи барномаҳои стратегӣ, тадбирҳои инноватсионӣ ва мутобиқ бо ҷанбаҳои гендерӣ оид ба иқтисоди "сабз" ва васеъ намудани фарогирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳамкорӣ хоҳанд кард



© Julia Wimmerlin, 2023

В соответствии с

Агентства ООН

Партнеры по финансированию



$ 8,329,887 — Буҷет

$ 7,482,564 (90%) — Азхуд шудааст

Низоми СММ ҳамкориро бо шарикони миллӣ барои пешбурди рушди иқтисоди сабз ва ба одамон нигаронидашуда идома дод. Идораҳои СММ барои баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокӣ, пешбурди системаҳои ғизоии устувор, зиёд кардани ташкили ҷойҳои корӣ ва қабули стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаҳои беҳтарин дар идоракунии иқтисодӣ роҳиҳалҳо ва барномаҳои сиёсии ба далелҳо асосёфта ва иттилоот дар бораи хавфҳо пешниҳод карданд.

Як қатор ташаббусҳо барои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ ва рушди занҷираи арзиш, махсусан дар бахши кишоварзӣ амалӣ карда шуданд. Соҳаи кишоварзӣ манбаъи асосии воситаҳои рӯзгузаронӣ буда, тақрибан чоряки маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Низоми СММ бо шарикон барои пешбурди инноватсия бо таваҷҷуҳ ба иқтисоди рақамӣ ва соҳибкорӣ, инчунин мудохилаҳо ҷиҳати фароҳам овардани имконият барои корҷӯён, махсусан ҷавонон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳамкорӣ намуд, то ки онҳо ба шуғли пурмаҳсул ва муносиб машғул шаванд.

## Пешрафт

- Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла стратегияи рақамикунонӣ ба анҷом расид. Тағйирот ба қонун дар бораи кооперативҳо ба хоҷагиҳои деҳқонони хурд, аз ҷумла ба гурӯҳҳои истеҳсолкунандаи занон, ки дастрасии онҳоро ба ашёи муҳими кишоварзӣ беҳтар месозад, манфиат хоҳад овард.

- Қонунгузории нав ва воситаҳои рақамӣ тасдиқи зуд, сертификатсия ва бақайдгирии тухмиҳоро барои деҳқонон содда карда, такрор шудани корҳо ва таъхирҳоро коҳиш дод. Дастрасӣ ба тухмиҳои баландсифат барои баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ ва рушди саноати маҳсулоти кишвоварзӣ ва маҳсулоти озуқаворӣ муҳим аст.

- Таҳлили камбудиҳои миллӣ ва харитаи роҳ ҷиҳати беҳтар кардани пайгирӣ дар занҷираҳои арзиш барои гузариш ба иқтисоди гардишкунанда (сиркулярӣ) омода шудааст. Гузариш ва иқтисоди гардишкунанда дар таҳияи маҳсулот барои тиҷорат, одамон ва муҳити зист фоида меорад.

- Барномаи миллии шуғли пурмаҳсул (барои солҳои 2023-2027) роҳандозӣ карда шуд. Меҳнати шоиста ҳадафи асосии сиёсати ҳукумат дар баробари ислоҳот дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ мебошад.

- Бештар аз 170 корхонаи дорои воситаҳо ва захираҳои мукаммал сатҳи маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии худро беҳтар карданд. Корхонаҳои хурд дар пешбурди рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ нақши муҳим бозӣ мекунанд.

- Сиёсати нав вобаста ба истифодаи муштараки нақлиёт барои пешбурди серҳаракатӣ дар шаҳр таҳия карда шуд.

- Бештар аз 13 000 нафар, ки зиёда аз нисфи онҳо занон буданд, аз барномаҳои рушди маҳоратҳои ба бозор нигаронидашуда ва шуғл баҳраманд шуданд. Бо дастгирии СММ дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ ва Панҷакент марказҳои дурдасти шуғл барои ҷавонон ташкил карда шудаанд.

- Қонун "Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда" дар соли 2019 тавассути сафарҳои омӯзишӣ ба Филиппин, омӯзиш додани 20 тренер, муқаррар кардани стандартҳои миллии премикси ғанисозии орди гандум ва таҳияи харитаи роҳ барои ғанисозии маҳсулоти озуқаворӣ тақвият дода шуд.



© WFP Tajikistan, 2023

## Мушкилиҳо

- Сармоягузории паст ба технологияҳо ва таҷҳизоти рақамӣ ва якҷо бо дастраси суст ба интернет таъмин намудани омӯзиши малакаҳоро барои бештари ҷавонон, махсусан духтарон дар минтақаҳои деҳот душвор мекунад. Харитаи пайвастшавии мактабҳо ба интернет (ниг. Натиҷаи ниҳоии 1) нишон медиҳад, ки танҳо 16 фоизи мактабҳо ба интернет дастрасӣ доранд.

- Сармоягузории бахши хусусӣ ба иқтисод маҳдуд аст ва ин ташкил намудани ҷойҳои кориро маҳдуд мекунад. Афзоиши бахши ғайрирасмӣ низ ташвишовар аст. Кишвар аз интиқоли маблағҳо аз ҳад зиёд вобаста аст, зеро ҷойҳои корӣ дар бахши расмӣ дар маҳалҳо кам ташкил карда мешаванд.

- Холигоҳҳои ҷиддӣ дар сиёсатҳои сармоягузорӣ ва муҳити танзимкунанда ба рушди динамикии бахши хусусӣ ва сафарбаркунии самарабахши сармоягузории мустақими дохилӣ ва хориҷӣ халал мерасонанд.[16] Иқтисоди камтар диверсификатсияшуда ташкил намудани ҷойҳои кории бештар ва беҳтарро барои ҷавононе маҳдуд мекунад, ки ба қувваи корӣ ворид мешаванд.

- Фазои маҳдуди молиявии ҳукумат ва бозори суст инкишофёфтаи сармоя омилҳои боздоранда мебошанд. Ҳукумат бояд роҳиҳалҳои инноватсиони молиявӣ, аз ҷумла вомбаргҳои сабз ва маблағгузории омехтаро дар ҳамкорӣ бо бахши соҳибкорӣ барои маблағгузории ҲРУ таҳия намояд.

## Ҳикояҳо аз маҳал

### Бартараф кардани таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба занон ва оилаҳои онҳо

Муҳоҷирати меҳнатии мавсимӣ барои бисёре аз хонаводаҳои тоҷик воқеияти ҳаёт аст. Ҳар сол тақрибан ним миллион нафар шахси синну соли қобили меҳнат, асосан мардон, барои кор ба сифати муҳоҷири меҳнатии муваққатӣ кишварро тарк мекунанд.[17] Маблағе, ки онҳо ба хона мефиристанд, тақрибан 27 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад.[18]

Бо вуҷуди ин, на ҳамаи оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ зиндагии обод доранд. Бисёре аз оилаҳо "дар канор мондаанд" ё партофта шудаанд. Ин ҳодиса бо Дилафрӯз Пахлавонова аз ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон рух додааст.

Вақте шавҳараш барои кор ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафт, вай барои таъмини худ ва таълиму тарбияи фарзандаш бидуни ҳар гуна воситаи молиявӣ боқӣ монд. Муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад боиси мушкилоти зиёд барои занон ва оилаҳои онҳо, ки дар канор мондаанд, аз ҷумла ҷудошавии оила, бесарпаноҳӣ, дастрасии маҳдуд ба замин ва доороиҳо, инчунин норасоии озуқаворӣ шавад.

Барномаи муштараки СММ бо иштироки ФАО, СБМ, ЮНИСЕФ ва созмони Занони СММ талош намуд, ки ин вазъияти умумиро тағйир диҳад. Гурӯҳҳои занон дар минтақаҳои деҳот, ки ба андозаи кофӣ бо хидматрасониҳо фаро гирифта нашудаанд, ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб карда шуда, барои парвариши маҳсулоти озуқаворӣ, диверсификатсияи истеҳсолот ва беҳтар намудани шароити зиндагии худ дастгирӣ дарёфт намудаанд.

Ба иштироккунандагони барнома методҳои кишоварзии органикӣ омӯзиш дода шуд. Онҳо ҳамчунин тухмиҳо ва асбобҳо ба даст оварданд, ниҳолхонаҳо ва гармхонаҳо ташкил карданд, маҳсулоти дорои арзиши баландро ба монанди занбурӯғ барои фурӯш дар бозорҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ парвариш намуданд.

Дилафрӯз пас аз хатми курси омӯзишӣ бизнес-нақша тартиб дод ва ҳоло дар гармхонаи дорои масоҳати 100 метри мураббаъ маҳсулот парвариш мекунад, ки барои таъмини оилааш кумак мерасонад. Дар ин барномаи муштарак бист гурӯҳи занон иштирок намуданд. Имрӯз бештар аз 500 зан ва оилаҳои онҳо дорои амнияти озуқаворӣи беҳтар ва имконияти фурӯши маҳсулоти зиёдатӣ барои ба даст овардани даромад мебошанд.

16. Масалан, нигарониҳои вобаста ба андозбандии дукарата, риояи стандартҳои СБМ вобаста ба меҳнат ва мустақилияти маҳдуди мақомоти судӣ вуҷуд доранд. Investment Policy Review, UNCTAD (Бознигарии сиёсати сармоягузорӣ, Конфронси СММ оид ба савдо ва рушд), ноябри соли 2022.
17. Бонки осиёии рушд, декабри соли 2020, Strengthening Support for Labor Migration in Tajikistan: Assessment and Recommendations (Тақвияти дастгирии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон: арзёбӣ ва тавсияҳо).
18. Маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, 2020 дар СММ, ССА, ҳамон ҷо.



Дилафрӯз дар назди гармхонааш, Дӯстӣ, Тоҷикистон @ ФАО Тоҷикистон





© Natalia Davidovich / Shutterstock

# Натиҷаи ниҳоии 3.
# Идоракунии ҳамгирошудаи хавфҳои иқлимӣ ва экологӣ

То соли 2026 идоракунии захираҳои табиӣ бар асоси сиёсатҳо ва амалҳои ҳамгирошуда ҷиҳати беҳтар кардани мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини воситаҳои рӯзгузаронии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ фарогир ва устувор хоҳад шуд.



© Umedakhon Fazylova, UNICEF Tajikistan, 2023

В соответствии с

Агентства ООН

Партнеры по финансированию



| | |
|---|---|
| $ 21,559,406 | Буҷет |
| $ 16,916,370 (78%) | Азхуд шудааст |

Идоракунии ноустувори захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон ба воситаҳои рӯзгузаронӣ таъсири манфӣ мерасонад ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро зери хатар мегузорад. Тағйирёбии иқлим ба сабаби фаъолиятҳои инсон ба тағйирёбии ғайримуқаррарии бориш ва баландшавии ҳарорат мусоидат мекунад, ки хушксолӣ ва тӯфонҳои зуд-зуд рухдиҳанда ва шадидро ба вуҷуд меорад. Таназзули об, ҳаво, ҷангалҳо ва заминҳои кишоварзӣ гуногунии биологиро халалдор мекунад. Осебпазирӣ аз хавфҳои офатҳои табиӣ аҳамияти рушди устувори иқтисодӣ ва идоракунии самарабахши захираҳои табииро таъкид мекунад.

Дар давраи ҳисоботӣ низоми СММ ҳукуматро дар таҳияи маҷмӯи чаҳорчӯбҳои сиёсати соҳавӣ ва нақшаҳо ҷиҳати таҳкими идоракунии захираҳои табиӣ, мутобиқшавӣ ва кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим дастгирӣ намуд. Онҳо барномаи миллӣ вобаста ба манбаъҳои барқароршаванда энергия ва нақшаҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои бахшҳои об, энергетика, нақлиёт ва кишоварзиро дар бар мегиранд.

Низоми СММ ҳукуматро дар ташкили муштараки Конфронси СММ вобаста ба захираҳои об дар соли 2023 дар Ню-Йорк барои пешбурди ҳадафҳои глобалӣ ҷиҳати идоракунии устувори захираҳои об дастгирӣ намуд. Бо кумаки СММ, ҳукумат Стратегияи миллии об барои соли 2040-ро таҳия намуд. Ғайр аз ин, дастгирӣ барои таҳкими тавоноиҳо ва маблағгузории мақомоти идоракунии ҳавзаи дарёҳо ҷиҳати ҳамоҳангсозии кор дар байни муассисаҳои миллӣ пешниҳод карда шуд.

Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ осебпазир мебошад ва талафоти солонаи иқтисодӣ аз офатҳои табиӣ то ба 1,3 фоизи ММД мерасад. Барои коҳиш додани хавфҳои офатҳои табиӣ, низоми СММ ташаббуси "Огоҳсозии бармаҳал барои ҳама"-ро (EW4All)[19] ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш дар бораи хавфи офатҳои табиӣ, ошкор кардан, мушоҳида, мониторинг, таҳлил ва пешгӯӣ оғоз намуд.

Дар сатҳи маҳаллӣ, низоми СММ ҳукумат ва шарикони ҷомеаи шаҳрвандиро дар беҳтар кардани воситаҳои рӯзгузаронии бештар аз 67000 шахси осебпазир дар минтақаҳои ба таври кофӣ фарогирифтанашуда бо хидматрасониҳо тавассути гузаронидани чорабиниҳо дар сатҳи ҷомеа дар бораи идоракунии захираҳои табиӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дастгирӣ намуд.

Нахустин барномаи қарзҳои сабз дар Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии хонаводаҳое, ки дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳистонии ВМКБ зиндагӣ мекунанд, барои насби технологияҳои энергияи офтобӣ роҳандозӣ карда шуд. Бештар аз 500 қарз дода шуд, ки нисфи онҳо ба занон пешниҳод карда шудааст ва ин мустақиман шароити зиндагии тақрибан 6000 нафарро беҳтар намуд.

## Пешрафт

- Нақшаҳои идоракунии ҳавзаи обҷамъшавӣ барои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон бо тадбирҳои мушаххас ҷиҳати пешгирии ифлосшавии об аз партовгоҳҳои конҳо тартиб дода шуданд.
- Бознигарии миллии фаъолият дар бахши муҳити зист бо иштироки 60 коршиноси миллӣ гузаронида шуд. Тавсияҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар бораи сабзсозии иқтисод ва андешидани ҷораҳо барои мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҳифзи ҳаво, идоракунии об ва партовҳо, гуногунии биологӣ ва минтақаҳои муҳофизатшаванда пешниҳод карда шуданд.
- Дар 35 ноҳия бештар аз 7179 шахс, аз ҷумла деҳқонони дорои хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ, малакаҳои навро барои банақшагирӣ ва татбиқи тадбирҳои ба экосистема асосёфта ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои худ омӯхтанд.
- Тавассути барномаи "кумаки ғизоӣ барои таъмини дороиҳо" дар 16 ноҳия, ки аз тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ бисёр осебпазир мебошанд, хонаводаҳои дорои норасоии озуқаворӣ барои сохтани дороиҳо ба монанди гармхонаҳо ва системаҳои обёрӣ кумаки пулӣ ба даст оварданд.
- Барои таъмини татбиқи устувории ташаббуси "Огоҳсозии бармаҳал барои ҳама", тавоноиҳои 670 мутахассиси техникӣ дар бахшҳои гуногун барои ба таври самарабахш иҷро намудани банақшагирӣ ва вокуниш ба ҳолати фавқулодда, инчунин омодагӣ ба офатҳои табиӣ тақвият дода шуданд.
- Якҷо бо ҳукумат ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар, низоми СММ ба бештар аз 214 000 шахси зарардида аз тарма, заминларза, обхезӣ ва ярч кумаки фаврии башардӯстона пешниҳод намуд.
- Чораҳо барои мубориза бо ифлосшавӣ дар Сирдарё андешида шуда, дар доираи ташаббуси нав самарабахшии энергия дар бахши сохтмон беҳтар карда мешавад.

19. https://tajikistan.un.org/en/243772-un-secretary-general's-early-warnings-all-initiative-launched-tajikistan



© UN Tajikistan, 2023

## Мушкилиҳо

- Ҳамоҳангсозии беҳтар барои таҳия ва татбиқи сиёсати соҳавии уфуқӣ дар бахшҳои муҳити зист, энергетика, кишоварзӣ ва воситаҳои рӯзгузаронӣ, махсусан барои ҷомеаҳои минтақаҳои деҳот ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ зарур аст.
- Низоми миллии ҳифзи иҷтимоӣ мумкин аст минбаъд низ барои бартараф намудани шокҳо ва омилҳои вобаста ба иқлим васеъ карда шавад.
- Ҳамкориҳои байниҳукуматӣ дар Осиёи Марказӣ дар мавриди масъалаҳои таъхирнопазири фаромарзӣ, махсусан дар идоракунии захираҳои об ва хавфҳои иқлимӣ ҳанӯз ҳам маҳдуд аст. Густариши ҳамкории кишварҳои минтақа метавонад шиддатро барои дастрасӣ ба захираҳои табиӣ коҳиш диҳад.

## Ҳикояҳо аз маҳал

### Парандапарварӣ бо истифода аз энергияи офтоб: ҳикояи сабзи Маҳбуба

Дар деҳаи Дараи вилояти Хатлон, Маҳбуба ва оилаи ӯ фермаи хурди парандапарварӣ доранд, ки дар он 2000 мурғ дар як рӯз тақрибан 1200 дона тухм истеҳсол мекунанд. Талаботи зиёд Махбубаро водор намуд, ки истеҳсоли тухмро зиёд намояд. Бо вуҷуди ин, парандапарварӣ дар минтақаҳои дурдаст душвориҳои зиёд дорад.

"Мо дар фасли зимистон ба сабаби қатъ шудани қувваи барқ барои нигоҳубини мурғҳо бо душвориҳо дучор мешудем. Мо маҷбур шудем, ки ба ҳезуми гаронбаҳо ё генератори дизелӣ такя кунем, — мегӯяд Маҳбуба. Барои пеш бурдани фермаи парандапарварӣ гармидиҳӣ ва оби гарм зарур аст.

Дар доираи барномаи энергияи сабз, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ ва аз тарафи Фонди глобалии экологӣ маблағгузорӣ карда мешавад, Маҳбуба иқтидори энергияи офтобиро кашф кард. Грант ба ӯ имконият дод, ки системаи офтобии 5 кВт насб кунад. Аз замони насби системаи офтобӣ сифати махсулот беҳтар шуда, фоидаи солона 9 фоиз афзоиш ёфт.

Маҳбуба ҳоло ба маводи сӯхти гаронбаҳои истихроҷшаванда ва ҳезум камтар такя мекунад. Вай дар истифодаи технологияҳои сабз дар минтақаи худ намунаи ибрат шудааст. Хоҷагии ӯ барои занони дигар дар ҷомеа ҳамчунин ҷои кор фароҳам меорад. Маҳбуба барои мубодилаи дониш ва таҷрибаҳои беҳтарин бо дигар занони соҳибкор дар минтақа шабака ташкил кардааст.

Дар доираи барнома, гирандагони грантҳо барои аз нигоҳи молиявӣ мувофиқи мақсад будан ва устувории экологӣ ба таври ҷиддӣ арзёбӣ карда мешаванд. Барнома воситаҳои рӯзгузаронии 34 соҳибкори хурду миёнаро беҳтар кардааст.

**"Системаи офтобӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои бизнеси ман ва оилаи ман нерӯи кофӣ медиҳад ва мо дигар дар бораи қатъ шудани қувваи барқ ё нарасидани маводи сӯхт нигарон намешавем. Хароҷоти мо барои энергия бештар аз 50 фоиз кам шудааст. Ин системаи офтобӣ барои мо наҷотбахши ҳаёт буд", мегӯяд Маҳбуба.**

Ин ҳикоя иқтибос шудааст аз: https://www.undp.org/tajikistan/stories/mahbubas-green-journey-dara-village-tajikistani-rural-woman-inspires-community-solar-powered-poultry-farm-0



© UNDP Tajikistan 2023





© Natalia Davidovich / Shutterstock

# Натиҷаи ниҳоии 4.

## Идоракунии ба инсон ва волоияти қонун нигаронидашуда

То соли 2026 идоракунӣ бештар фарогир, шаффоф ва гузоришдиҳанда мегардад, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон ва коҳиш додани сатҳи зӯроварӣ ва табъиз мутобиқи уҳдадориҳои байналмилалии  Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат хоҳад кард.



© UNICEF Tajikistan, 2023

В соответствии с

Агентства ООН

Партнеры по финансированию



**$ 18,598,596** — Буҷет

**$ 14,386,524 (77%)** — Азхуд шудааст

Низоми СММ бо ҳукумат ва дигар ҷонибҳои манфиатдор барои дастгирии ислоҳоти прагматикии идоракунӣ бо мақсади таҳкими низомҳои ҳисоботдиҳӣ, аз ҷумла дар идоракунии давлатӣ, судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин муассисаҳои ҳуқуқи инсон ҳамкорӣ намуд. Ин ислоҳот метавонад ба ҳукумат имконият диҳад, ки бо мардум ба таври бештар самарабахш ҳамкорӣ кунад, то ки хидматрасониҳои шаффоф, одилона ва бештар ҷавобгӯ ба масъалаҳои гендерро таҳия ва пешниҳод намояд.

Бо дастгирии СММ аввалин Стратегияи миллии ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 барои татбиқи уҳдадориҳои кишвар оид ба ҳуқуқи инсон қабул карда шуд. Стратегияи мазкур асоси Нақшаи миллии амалҳо барои солҳои 2023-2025-ро ташкил медиҳад. Нақша фаъолияти муассисаҳоро тақвият дода, ба ҳукумат барои татбиқ намудани тавсияҳои Шарҳи универсалии давравӣ имконият фароҳам меорад.[20]

Ғайр аз ин, ҳукумат барномаи нави давлатиро барои ҳимоя додан ба зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон оғоз намуд. Ташвиқоту тарғибот (адвокасӣ) ва кумаки техникии низоми СММ боиси ворид намудани тағйироту иловаҳо ба 14 қонун ва сиёсатҳои дахлдор шуд, ки онҳоро ба уҳдадориҳо ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намуд.

Ташвиқоту тарғибот ва дастгирии СММ боиси ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ гардид, ки барои манъи ҳар гуна шаклҳои зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон, аз ҷумла зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ, аз байн бурдани маҳдудияти синну солӣ барои кӯдакон ҷиҳати пешниҳоди шикоятҳо ва шунида шудани онҳо дар мурофиаҳои судӣ пешбинӣ шудаанд; ин пешравии бисёр муҳим мебошад, зеро кӯдакон ва ҷавонон бояд аз ҷониби ҳадамоти иҷтимоӣ, полис ва судҳо шунида шаванд ва аз зӯроварӣ муҳофизат карда шаванд.

## Пешрафт

- Бештар аз 3800 нафар зан ва духтарони синну соли репродуктивӣ дар ҷараёни ярмаркаҳои сайёри саломатӣ, аз ҷумла машваратҳо дар бораи танзими оила ва солимии репродуктивӣ ва хидматрасониҳои муҳими вобаста ба зӯроварии гендерӣ хидматрасониҳои ройгони касбӣ ба даст оварданд.
- Бештар аз 4800 нафар шахси бешаҳрванд ва паноҳҷӯён машваратҳои ҳуқуқӣ дарёфт намуданд, ки ба ҳалли парвандаҳои онҳо мусоидат карданд.
- 1832 нафар шахси бешаҳрванд муайян карда шуда, ба 3379 нафар дар гирифтани шаҳрвандии Тоҷикистон, ба 11 нафар барои ба даст овардани шаҳрвандии дигар кишварҳо кумак расонида шуда, 410 нафар ҳамчун шахсони бешаҳрванд ба қайд гирифта шуданд. Ба 1389 нафар паноҳҷӯянда дастгирии ҳуқуқӣ расонида шуд, ки дар натиҷа 651 нафар дар Тоҷикистон гуреза эътироф карда шуданд.
- Суди Олии  Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба сироят намудан бо ВНМО ба судяҳо ва мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дастури тавзеҳоти ирсол намуд. Мувофиқи он қабули табобати зиддиретровирусӣ ва расидан ба сарбории вирусии аз меъёри хавф паст ё номуайян, инчунин истифодаи воситаҳои пешгирикунанда хавфи сироятёбиро бо ВНМО истисно менамояд.[21]
- Шарикӣ бо 56 созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои ҷавонон барои пешбурди роҳбарии занон ва афзоиши иштироки гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳияи сиёсати соҳавӣ барқарор карда шудааст. Ин шабакаи нави созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро (СҶШ) дар бар мегирад: "Ҳаёт бидуни зӯроварӣ".
- СҶШ барои ҳамкорӣ бо ҳукумат ва шарикони байналмилалӣ ҷиҳати омӯхтани имкониятҳои маблағгузорӣ дастгирӣ карда шуданд.
- 80 рӯзноманигор ва блогерҳо истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои дифоъ аз озодии баён ва баробарии гендериро омӯхтанд.
- Бештар аз 2000 корманди давлатӣ ва 330 корманди СҶШ имкониятҳои худро барои татбиқи тадбирҳои идоракунии давлатӣ ва ислоҳоти судӣ афзоиш доданд.
- Рӯйхати ҷойҳои кори мамнӯъ барои занон дар Тоҷикистон бознигарӣ  карда шуд, аз ҷумла аз 336 шуғли маҳдуд 141-тои онҳо истисно карда шуданд.
- Дар соли 2023, СММ тағйироти муҳими системавиро барои пешгирӣ ва вокуниш ба зӯроварӣ дастгирӣ кард.
- Идораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои назорат ва вокуниши самарабахш ба ҳолатҳои зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ дастгирӣ карда шуд.
- Ҳадамоти милитсия дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар тартиби пешниҳоди хидматрасониҳои ҳамоҳангшударо барои қурбониёни зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ амалӣ карданд.
- Агентии омор махзани иттилооти электрониро барои бақайдгирии зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ бо нишондиҳандаҳои стандартӣ эҷод намуд.
- 15 СҶШ/марказҳои бухронии занон аз бақайдгирии маълумоти онлайнӣ барои гузоришдиҳӣ дар бораи зӯроварии гендерӣ ҳангоми расонидани кумак ба қурбониён истифода бурданд.
- Хидматрасониҳо барои дастгирии қурбониён бо утоқҳои нави дастгирӣ ва хидматрасониҳои тиббӣ ва машваратии шабонарӯзӣ, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва СҶШ пешниҳод карда мешаванд, боз ҳам беҳтар карда шуданд.



UNDP Tajikistan, 2023

20. СММ, Report of the Working Group on the Universal Periodic Review: Tajikistan (Гузориши гурӯҳи корӣ дар бораи Шарҳи универсалии давравӣ: Тоҷикистон), A/HRC/49/12. Ниг. Матритсаи тавсияҳо: https://www.ohchr.org/sites/default/files/lib-docs/hrbodies/upr/documents/session39/tj/2022-07-14/UPR39_Tajikistan_Thematic_List_of_Recommendations.docx
21. https://www.unaids.org/sites/default/files/media_asset/undetectable-untransmittable_en.pdf

## Мушкилиҳо

- Ислоҳоти низоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва бақайдгирии умумии таваллуд новобаста аз вазъи ҳуқуқӣ ва доштани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият аз ҷониби падару модарон ҳанӯз ҳам мушкил боқӣ мемонад ва миқёси бешаҳрвандӣ дар кишвар маълум нест. Шаҳрвандони бидуни ҳуҷҷат, аксаран занону кӯдакон, ба далели монеаҳои молиявӣ барои гирифтани ҳуҷҷат ва дастрасӣ ба хидматрасониҳои давлатӣ ба бешаҳрвандӣ дучор мешаванд.
- 15 гуреза ва паноҳҷӯён дар соли 2023 (163 нафар аз соли 2021) ба сабаби вайрон кардани қонунҳои байналмилалӣ ва миллӣ ба кишварҳои онҳо бозгардонида шуданд. Тоҷикистон то ҳол ба Конвенсияи соли 1954 дар бораи мақоми шахсони бешаҳрванд ва Конвенсияи соли 1961 дар бораи коҳиш додани бешаҳрвандӣ ҳамроҳ нашудааст; дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам расмиёти муайян кардани бешаҳрвандӣ муқаррар карда нашудааст ва омори гурӯҳбандишуда дар бораи шахсони бешаҳрванд вуҷуд надорад.
- Байни ҳукумат ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ робитаи маҳдуд вуҷуд дорад. Афзоиши фазо ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад ҳисоботдиҳии ҷамъиятӣ ва пешниҳоди хидматрасониҳоро ба мардум беҳтар созад.



© Didor Sadulloev, UN Tajikistan/2023



## Ҳикояҳо аз маҳал

### Аз зӯроварӣ ба мустақилият: Расонидани кумак ба қурбониён барои соҳибкор шудан

Зулайхо[22], зани 35-солаи тоҷик аст ва бо духтари 8-солааш дар хонаи хоксоронаи якҳуҷрагӣ дар Ҳисор, дар ғарби Душанбе зиндагӣ мекунад. Зулайхо, ки бо фалаҷи мағзи сар таваллуд шудааст, аз давраи хурдсолӣ мавриди табъиз ва тамасхур қарор мегирифт. Дар синфи 10 ба литсейи дӯзандагии маъюбон дохил шуда, дар корхонаи дӯзандагии шаҳри Душанбе ба кор даромад. Зулайхо дар синни 25-солагӣ издивоҷ кард ва дар Ҳисор бо хонаводаи шавҳараш зиндагӣ мекард. Аҳли хонавода ӯро ҳамеша таҳқир мекарданд.

Вазъи саломатии ӯ бад шуд ва ба ҷои таҳаммули зӯроварии бештар вай аз шавҳараш ҷудо шуд. Дар он вақт ӯ сеюмоҳа ҳомиладор буд. Вай тасмим гирифт, ки мустақил бошад ва ба бизнеси хурд машғул шуд. Ӯ дар ароба бозичаҳо, шириниҳо ва нӯшиданиҳо мефурӯхт. Вай дар мағозаи пойафзол низ кор мекард.

Вақте Зулайхо ба барномаи соҳибкорӣ барои қурбониёни зӯроварии гендерӣ иштирок намуд, ки аз ҷониби СММ дастгирӣ ва аз тарафи Барномаи "Нури рӯшноӣ" маблағгузорӣ карда мешавад, ҳаёти ӯ ба таври мусбат тағйир ёфт.[23] Пас аз курси омӯзишӣ дар бораи пешбурди бизнес, ӯ бизнес-нақша тартиб дода, маблағгузорӣ ва скутери (мотороллер) барқӣ ба даст овард.

Скутер ба ӯ имконият дод, ки бизнеси худро васеъ намуда, даромади худро аз ҳисоби фурӯши бештари маҳсулот ва расонидани хидматрасониҳо барои интиқол додани молу маҳсулот афзоиш диҳад. Зулайхо акнун метавонад барои худ ва духтараш хонаи бехатар ва бо мебел муҷаҳҳазшуда дошта бошад – чизе, ки қаблан дастнорас буд. Аз ибтидои амалисозии барнома ба беш аз 120 зан кумак расонида шуд.

**"Як чизе, ки ман дар бораи он афсӯс мехӯрам, ин аст, ки ман ба зӯроварӣ дар оила муддати тӯлонӣ таҳаммул мекардам", мегӯяд ӯ. "Дар ин муносибат ман саломатии худро аз даст додам ва ин чизе аст, ки шумо онро баргардонида наметавонед. Маслиҳати ман ба занони гирифтори зӯроварӣ ин аст, ки онро таҳаммул накунанд", мегӯяд Зулайхо.**

Барои зӯроварии гендерӣ "Ҳеҷ бахшиш нест". Агар шумо, наздикон ё дӯстонатон ба ягон намуди зӯроварии гендерӣ гирифтор ё шоҳиди он шуда бошед, хомӯш наистед. Ба телефони боварии 1313 муроҷиат кунед – онҳо ҳамеша омодаанд, ки кумак расонанд ва дастгирӣ кунанд.



©UN Tajikistan, 2023

22. Ном барои ҳифзи ҳувияти қурбонии зӯроварӣ иваз карда шудааст.
23. https://www.spotlightinitiative.org. See: https://www.spotlightinitiative.org/tajikistan

# Шарикиҳо ва маблағгузорӣ барои Рӯзномаи 2030


© Dilovar Sadulloev, UN Tajikistan 2023

Ҷузъи калидии пешбурди рушди устувор шарикӣ бо ҳукумат, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираҳои илмӣ, бахши хусусӣ ва шарикони байналмилалии рушд мебошад. Шарикӣ барои мубодилаи дониш, эҷоди муштарак ва сафарбар намудани маблағгузорӣ барои рушд муҳим аст. Дар поён баъзе намунаҳои чунин шарикӣ оварда шудаанд, ки низоми СММ дар Тоҷикистон ба даст овардаанд.

Бо дастгирии СММ, ҳукумат 2-юмин Шарҳи миллии ихтиёриро[24] барои арзёбии пешрафт дар самти ҲРУ анҷом дод. Тоҷикистон шарҳи худро дар Форуми сиёсии сатҳи баланди СММ дар моҳи июли соли 2023 муаррифӣ кард. Низоми СММ барои гузаронидани машваратҳои васеъ бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, бахши хусусӣ ва созмонҳои расонаӣ мусоидат намуд. Ҳоло платформаи миллии маълумот барои арзёбии пешрафт дар 127 нишондиҳанда аз 231 нишондиҳандаи ҲРУ дастрас аст, ки барои онҳо маълумот вуҷуд дорад.

Ҳукуматҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ дар татбиқи қарорҳо барои ноил шудан ба ҲРУ дар хати аввал қарор доранд. Низоми СММ ҳоло шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистонро барои гузаронидани Шарҳи маҳаллии ихтиёрӣ[25] ҷиҳати пешбурди рушди стратегӣ ва устувори шаҳр дастгирӣ мекунад. Дар шароити афзоиши муҳоҷирати сокинони деҳот ба шаҳр, Шарҳи маҳаллии ихтиёрӣ ба нақшакашӣ ва рушди стратегӣ ва устувори шаҳр мусоидат мекунад.

Тоҷикистон аз офатҳои табиӣ осебпазир аст ва талафоти солонаи иқтисодӣ аз офатҳои табиӣ то ба 1,3 фоизи ММД мерасад. СММ ва Ҳукумати Тоҷикистон ташаббуси "Огоҳсозии бармаҳал барои ҳама"-ро[26] барои баланд бардоштани сатҳи дониш, ошкор кардан, мушоҳида, мониторинг, таҳлил ва пешгӯии хавфи офатҳои табиӣ оғоз карданд. Ин ташаббус давлат, шарикони байналмиллалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро барои амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати таҳкими системаи огоҳсозии бармаҳал дар Тоҷикистон муттаҳид мекунад.

Низоми СММ барои он кор мекунад, ки ҷавонон (15-30-сола), махсусан занони ҷавон дар рушди кишвар саҳми бештар дошта бошанд. Дар соли 2023, Шабакаи таҳсилоти ҷавонони ҳамсол (Y-PEER) дар Тоҷикистон (ҳамсол ба ҳамсол) аз ҷониби Шабакаи глобалии Y-PEER ҳамчун шабакаи пешбари кишвар ҷиҳати тахия ва татбиқи ташаббусҳои рушди устувор барои ҷавонон эътироф гардид.

Шарикӣ бо беморхонаи кӯдакони Бостон ва мактаби тиббии Ҳарвард барномаҳои омӯзиширо барои кормандони иҷтимоӣ, мутахассисони соҳаи тиб ва омӯзгорон дар бораи солимии равонӣ ва кумаки равонию иҷтимоӣ барои кӯдакон ва парасторони онҳо, ки аз мунокиша ва осеб баркарор мешаванд, тақвият хоҳад дод. Ин кор дар ҳамкорӣ бо кафедраи равоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сурат мегирад.

Шарикии нав ба маблағи 86 миллион доллари ИМА бо Шарикии глобалӣ барои таҳсилот,[28] Бонки исломии рушд[29] ва низоми СММ барои дастгирии ислоҳоти барномаи таълимии ба салоҳият асосёфта ва сохтмони 58 мактаб ташкил карда шуд. Мактабҳо бо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, мебел ва ашёи лабораторӣ муҷаҳҳаз карда шуда, барои бештар аз 15 000 кӯдак дар минтақаҳои деҳот пешниҳод хоҳанд шуд.[30]

Якҷо бо ЮСАИД, низоми СММ барномаи навро ба маблағи 7,5 миллион доллари ИМА барои баланд бардоштани сатҳи омодагии мактабӣ ҷиҳати пешниҳод намудани таълими замонавӣ, фарогир, ба хонандагон нигаронидашуда ва мувофиқ ба ҷомеаи Тоҷикистон оғоз намуд. Он бештар аз 200 маркази таҳсили барвақти кӯдаконро дар саросари кишвар дар бар гирифта, ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла духтарон ва кӯдакони дорои маъюбиятро фаро мегирад.[31]

Шарикӣ ба маблағи 10 миллион доллари ИМА бо Агентии Корея вобаста ба ҳамкории байналмилалӣ (KOICA) барои мусоидат ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва эҷоди муқовиматпазирӣ ташкил карда шуд.

Барномаи шарикӣ ба маблағи 5 миллион доллари ИМА бо ЮСАИД барои бартараф намудани зӯроварии гендерӣ.

Дафтари Ҳамоҳангсозии доимии СММ ҳамчун муовини раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд[32] барои пешбурди ташаббусҳои татбиқшаванда таҳти роҳбарии СММ, густариши ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва зиёд кардани маблағгузорӣ барои рушд хидмат намуд. Яке аз чунин мисолҳо ҳамкории байни Бонки ҷаҳонӣ ва низоми СММ барои навсозии низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар кишвар мебошад.

Низоми СММ барои таъмини иштироки сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мубодилаҳои дониш ва таҷрибаҳо дар сатҳи минтақавӣ, тренингҳо ва семинарҳо барои рушди ҳамкориҳои ҷануб-ҷануб ва густариши сиёсати минтақавӣ ва ҳамкории техникӣ як қатор чорабиниҳоро баргузор намуд.

24. https://hlpf.un.org/countries/tajikistan/voluntary-national-reviews-2023
25. https://tajikistan.un.org/en/252225-dushanbe-city-launches-voluntary-local-review-process
26. https://tajikistan.un.org/en/243772-un-secretary-general's-early-warnings-all-initiative-launched-tajikistan
27. https://www.facebook.com/ypeer.tj/
28. https://www.globalpartnership.org
29. https://www.isdb.org
30. https://www.globalpartnership.org/where-we-work/tajikistan
31. https://www.usaid.gov/tajikistan/press-releases/dec-07-2023-usaid-and-unicef-launch-75-million-activity-inclusive-pre-primary-education-tajikistan
32. https://untj.org/dcc/



# Фаъолияти шаҳрвандӣ барои таъмини баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон

Нигора Валихоҷаева – фаъоли масоили гендерӣ мебошад. Бо дастгирии СММ ба Нигора муяссар шуд, ки курси такмили ихтисоси Мактаби фаъолони гендерӣ дар Тоҷикистонро хатм кунад. Тавассути омӯзиши пуршиддат вай дар бораи нозукиҳои баробарии гендерӣ, ҷанбаҳои мухталифи масъалаи мазкур дар Тоҷикистон аз қонунгузорӣ то меъёрҳои иҷтимоӣ ва анъанавӣ ва нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳифзи тасаввуроти қолабии (стереотипҳои) гендерӣ омӯхтааст. Ин дурнамои ӯро васеъ кард ва ӯро водор намуд, ки ба тасаввуроти қолабии шахсӣ муқобилат кунад ва ҳуқуқи занон диққати аввалиндараҷа диҳад.

Нигора донишу малакаҳои навро касб намуда, таҷрибаи худро ҳамчун менеҷери барнома ва мутахассиси гендер дар созмони ғайридавлатии "Шабакаи таҳсилоти ҷавонони ҳамсол дар Тоҷикистон" (Y-PEER).[33] истифода бурд. Вай дар фаъолияти созмон, гузаронидани таҳлили гендерии сиёсатҳо ва пешниҳодҳои лоиҳа тағйирот ворид намуд. Саъю кӯшишҳои ӯ вақте эътироф карда шуданд, ки пешниҳоди лоиҳаи мустақили ӯ дар бораи мубориза бо зӯроварии гендерӣ дар байни ҷавонон грант ба даст овард ва ин як қадами муҳим дар самти навовариҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ мебошад. "Тағйироти бузургро бояд аз худ оғоз кунед" – Нигора Валихоҷаева

33. https://www.facebook.com/ypeer.tj/



© GNWP-2023

# Низоми СММ барои фаъолияти якҷоя

**Низоми СММ дар ноил шудан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд ва Ҳадафҳои рушди устувор саҳми стратегӣ ва арзишманд мегузорад. Дар соли 2023, низоми СММ бо ҳукумат ва дигар шарикон барои муайян кардани роҳҳалҳои бештар ҳамоҳангшуда ҷиҳати ҳалли вазифаҳои афзалиятдор дар бахши рушд кор кард. Онҳо мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:**

## Сармоягузорӣ ба одамон

- Ташвиқоту тарғибот бар асоси далелҳо бо ҳукумат барои зиёд кардан ва баланд бардоштани сатҳи самарабахшии харочоти бахши иҷтимоӣ ва фарогирии хидматрасониҳои асосии тиббӣ, махсусан дар минтақаҳои деҳот, ки ба таври кофӣ бо хидматрасониҳо фаро гирифта нашудаанд.
- Системаҳо ва сиёсатҳои соҳавӣ барои беҳтар намудани амнияти озуқаворӣ ва ғизохӯрӣ, аз ҷумла арзёбии ҳосилнокӣ ва амнияти озуқаворӣ, таснифоти марҳилаи ҳамгирошудаи амнияти озуқаворӣ, стратегияҳо ва нақшаҳои ғизои мактабӣ ва ғанисозии маҳсулоти озуқаворӣ бо микроэлементҳо тақвият дода шуданд.




- Пешрафтҳои асосӣ дар рушди хидматрасониҳои тандурустии ҷамъиятӣ барои занон ва васеъ намудани миқёси эмгузаронӣ бар зидди бемориҳои пешгиришавандаи кӯдакон, ба монанди сурхча ва сурхакон.
- Ҷонибҳои манфиатдори миллӣ ва байналмилалӣ барои бозингарии бахши таъмини об, санитария ва гигиена даъват карда шуданд, ки барои таҳияи стратегияи миллии об ва ухдадориҳои ҳукумат вобаста ба беҳтар кардани дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ ва хидматрасониҳои санитарии ба таври бехатар идорашаванда, махсусан дар мактабҳо ва муассисаҳои тандурустӣ замина фароҳам оварад.

## Таъмини рушди устувор ва фарогир

- Нақшаи миллии амалҳо барои ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла рақамисозӣ, ба хоҷагиҳои деҳқонии хурд дастрасии бештар ба воситаҳои кишоварзиро фароҳам меорад.
- Беҳтар кардани пайгирии занҷираҳои арзиш барои гузариш ба иқтисоди гардишкунанда (сиркулярӣ), ки барои пешбурди бизнес, одамон ва муҳити зист хуб аст.



- Барномаи миллии шуғли пурмаҳсул (барои солҳои 2023-2027) барои ҳамроҳӣ кардани ислоҳоти феълии ҳифзи иҷтимоӣ, ки ҷиҳати коҳиши босуръати сатҳи камбизоатӣ муҳим аст.
- Стратегияи миллӣ барои танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он афзалиятҳои муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилӣ, муҳоҷирати экологӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, гурезаҳо ва паноҳҷӯён номбар шудаанд.
- Барномаҳои шуғл ва рушди малакаҳо, ки дар онҳо 13 000 нафар фаро гирифта шудаанд ва нисфи онҳо занон мебошанд.

## Идоракунии сарватҳои табиӣ ва вокуниш ба тағйирёбии иқлим

- Барномаи миллии манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва нақшаҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои бахшҳои об, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ.
- Дастгирии ҳукумат барои дар ҳамкорӣ бо Шоҳигарии Нидерландия ташкил намудани Конфронси СММ вобаста ба захираҳои об дар соли 2023 ҷиҳати пешбурди ҳадафҳои глобалӣ дар мавриди идоракунии устувори захираҳои об ва таҷдиди Стратегияи миллии об то соли 2040.
- Дастгирии ташкили конфронси байналмилалии "Осиёи Марказӣ ба сӯи оянди устувор тавассути институти минтақавии пуриқтидор" бахшида ба 30-юмин солгарди Фонди байналмилалии наҷоти Арал.
- Ташкили ҷаласаи 8-уми Маркази минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором барои рушди идоракунии иттилоот дар бораи офатҳо (APDIM) дар Душанбе ва интихоби Тоҷикистон ҳамчун ҷониби раисикунандаи он барои даврои оянда.
- Оғози ташаббуси "Огоҳсозии бармаҳал барои ҳама" ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш дар бораи хавфи офатҳои табиӣ, ошкор кардан, мушоҳида, мониторинг, таҳлил ва пешгӯии офатҳои табиӣ.
- Ҷорӣ намудани барномаи қарзҳои сабз барои васеъ намудани истифода аз неруи офтобӣ дар ВМКБ, ки дар доираи он тақрибан ба 6000 нафар кумак расонида шуд.

## Идоракунии самаранок ва волоияти қонун

- Қабули нахустин Стратегияи миллии ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038.
- Лоиҳаи барномаи давлатӣ барои хотима додан ба зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон, инчунин қабули тағйироти ҳуқуқӣ ҷиҳати аз байн бурдани маҳдудияти синну солӣ барои гузориш додани одамон дар бораи зӯроварӣ, аз ҷумла зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ.
- Шарикӣ бо 56 созмони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои ҷавонон барои пешбурди роҳбарии занон ва афзоиши иштироки гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳияи сиёсат ташкил карда шуд; ин шабакаи нави созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар гирифт: "Ҳаёт бидуни зӯроварӣ".

## Дар соли 2024 низоми СММ мавридҳои зеринро анҷом хоҳад дод:

- Густариши ҳамкорӣ бо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ҳифзи сармоягузорӣ ба хидматрасониҳои иҷтимоӣ, маҳаллисозии таҷрибаҳои беҳтарин ва мубодилаи дониш.
- Робитаи мутақобили бештар бо бахши хусусӣ, махсусан дар мавриди имкониятҳои вобаста ба идоракунӣ ва маъмурият барои ҷавонон, махсусан духтарон.
- Ҳизф намудани муколама бо ҳукумат ва шарикони рушд барои ворид намудани ҲРУ дар қонунҳо, сиёсатҳо ва барномаҳо, инчунин афзоиши маблағгузорӣ барои рушд.
- Идома додани истифодаи Гурӯҳҳо вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор барои таъмини ҳамоҳангӣ, истифодаи иқтидори кори муштарак ва ҳамкорӣ бо шарикони давлатӣ тавассути мониторинг ва баррасии муштараки самарабахшии фаъолият.



# Амалиётҳои якҷоя

Дар соли 2023, СММ дар Тоҷикистон татбиқи Стратегияи бизнес-амалиётҳоро идома дод. Стратегияи бизнес-амалиётҳо дар соли 2020 тасдиқ карда шудааст ва ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи самарабахшии фаъолияти СММ дар шаш соҳаи умумии хидматрасонӣ мебошад: харид, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, идоракунӣ, захираҳои инсонӣ, логистика ва молия. Стратегияи бизнес-амалиётҳо имконияти ба даст овардани 1,5 миллион доллари ИМА-ро дар тӯли панҷ сол тавассути сарфаи мустақими молҳо ва хидматрасониҳо дар самтҳои гуногуни хидматрасонӣ муайян кард. Бар асоси бознигарии Стратегияи бизнес-амалиётҳо, сарфаи хароҷот 235,977 доллари ИМА-ро барои соли 2023 ташкил дод ва ҳаҷми воқеии умумӣ 968,459 доллари ИМА ё 65 фоизи ҳадафи умумиро аз соли 2020 то соли 2023 ташкил дод.

## Сарфаи арзёбишуда ва амалишудаи хароҷот аз рӯи сол




Сарфи назар аз чанд мушкиле, ки муассисаҳои СММ дар ин давра дучор шуданд, сатҳи сарфаҷӯӣ аз хароҷот бисёр назаррас буд. Пандемияи COVID-19, ки дар солҳои қаблӣ ба баъзе фаъолиятҳои Стратегияи бизнес-амалиётҳо таъсир расонида буд, тадриҷан дар соли 2023 сабук шуд, дар ҳоле ки ҷанги давомдор дар Украина ва таъсири он идораҳои СММ-ро водор намуданд, ки аз таъминкунандагони таҳримшуда молу маҳсулот ва хидматрасониҳо харидорӣ накунанд ва ҳамин тавр интихоби таъминкунандагонро маҳдуд намоянд. Ғайр аз ин, идораҳои СММ дар логистика ва занҷираҳои анъанавии арзиш ба мушкилот дучор шуданд, ки арзиши молҳо ва интиқолро афзоиш доданд.

### Нуктаҳои муҳим

- Дар доираи барномаи "Сабз кардани кабуд", дар биноии СММ системаи офтобӣ насб карда шуд. Система ҳоло тақрибан 30 фоизи нерӯи барқи идораро таъмин мекунад, ки боиси сарфаи назарраси хароҷот ва коҳиши партоби карбон дар идора мегардад. Дар соли оянда батареяҳои офтобӣ барои утоқи амниятӣ ва серверҳои ТИК ба нақша гирифта шудаанд.
- Хидматрасонии истифодаи муштараки воситаҳои нақлиёт дар байни ЮНИСЕФ, Барномаи озуқаворechии ҷаҳонӣ, Идораи Ҳамоҳангсозии доимӣ ва ЮНЕСКО сарфа кардани хароҷотро идома медиҳад. Васеъ намудани истифодаи муштараки воситаҳои нақлиёт пешбинӣ карда шудааст.
- Пас аз Нақшаи амалҳои Гурӯҳи кишварии СММ вобаста ба фарогирии шахсони дорои маъюбият барои солҳои 2022-2023 ва аудити дастрасии биноҳои умумии СММ дар соли 2022, идораҳои СММ дар Тоҷикистон ҳамкориҳои худро ҳангоми татбиқи нақшаҳои амалҳои дастрасӣ ва сатҳи балаандтари дастрасӣ тақвият доданд. Биноии СММ ба ҳадафи дастрасии сатҳи 2 дар тӯли соли 2023 ноил гардид. Идораҳо ҳамкории наздикро дар ин соҳа идома медиҳанд, то ки ҳадди ақал дастрасии сатҳи 1-ро дар ҳамаи биноҳои умумӣ дар саросари кишвар ба даст оранд.
- Гурӯҳи идоракунии амалиётҳо ҳамчунин чанд масъалаи вобаста ба таҳвили молҳо ва хидматрасониҳо, расмиёти гумрукӣ ва пардохтҳоро барои ҳамоҳангсозии баъдии амалиётҳои кории СММ баррасӣ кард.
- Гурӯҳи идоракунии амалиётҳо, дар соли 2024, таҳкими ҳамоҳангсозии фаъолияти худро идома медиҳад, сабақҳои омӯхташударо аз рӯйкардҳои феълӣ ба Стратегияи бизнес-амалиётҳо ва ба идоракунии биноҳои умумӣ татбиқ мекунад ва ба таври муштарак ба давраи нави Стратегияи бизнес-амалиётҳо, ки аз соли 2025 сар мешавад, бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сатҳи самарабахшии фаъолияти СММ дар кишвар омода мешавад.



# Иқдоми Гурӯҳи кишварии СММ барои пешрафт дар фарогирӣ

## Корти баҳогузории баробарии гендерӣ




## Кортҳои холҳо

### Корти холҳо вобаста ба гендер



**80%**

12 нишондиҳанда аз 15 нишондиҳанда

Мутобиқат ба талаботҳои ҳадди ақал ё гузаштан аз онҳо

### Корти холҳо вобаста ба маъюбият



**43%**

6 нишондиҳанда аз 14 нишондиҳанда

Мутобиқат ба талаботҳои ҳадди ақал ё гузаштан аз онҳо



Эҷоди механизми Гурӯҳи кишварии СММ барои пешгирӣ аз истисмор ва зӯроварии ҷинсӣ




© Manuchehr Ruziev, UNESCO, 2023

# Иртиботи ягона



© UN RCO Tajikistan, 2023

**Дар соли 2023 СММ татбиқи Стратегияи муштараки иртиботот ва тарғиботи Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устуворро (UNSDCF) ҷиҳати дастгирии иҷрои барномаҳо ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар Тоҷикистон тавассути иқдомҳои зерин оғоз намуд:**

- Маъракаи саросари кишварӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳлили 30-солагии ҳузури СММ дар кишвар ва тарғиби натиҷаҳои муштарак.
- Маъракаҳои муштарак ба муносибати таҷлили рӯзҳои миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла Рӯзи СММ, 75 солагии Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва 16 рӯзи фаъолият бар зидди зӯроварии гендерӣ.
- Таваҷҷуҳ ба паёмрасонии гендерӣ ва фарогирии маъюбӣ тавассути таҳияи Дастур барои паёмрасонии фарогирии маъюбӣ, навиштани як силсила мақолаҳо дар бораи фарогирии маъюбон, маъракаи пешбурди баробарии гендерӣ ва коҳиш додани зӯроварии гендерӣ, аз ҷумла тавассути барномаи муштараки ИА ва СММ "Нури рӯшноӣ".[34]
- Дастгирии паёмрасонӣ барои ташаббусҳои асосӣ, аз ҷумла Шарҳи ихтиёрии миллӣ[35] ва "Ташаббуси огоҳсозии бармаҳал барои ҳама"[36].
- Баррасии пешгирӣ аз истисмор ва озори ҷинсӣ бар асоси маводҳои навшуда.
- Машварати миллии ба ҷавонон нигаронидашуда, ҷиҳати таҳияи Кодекси ҷаҳонии одоби СММ барои ҳамгироии иттилоот
- Зиёда аз 30 маъракаи муштараки паёмрасонӣ ва таблиғотӣ ҳамоҳанг шуд ва зиёда аз 1000000 нафар фаро гирифта шуданд.
- Ҷоиза барои беҳтарин ҳикоя аз СММ дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ дарёфт шуд.

34. https://www.spotlightinitiative.org. See: https://www.spotlightinitiative.org/tajikistan
35. https://hlpf.un.org/countries/tajikistan/voluntary-national-reviews-2023
36. https://tajikistan.un.org/en/243772-un-secretary-general's-early-warnings-all-initiative-launched-tajikistan



# Дарсҳои андӯхташуда

- Ҳифзи иҷтимоӣ як самти муҳими ҳамкории низоми СММ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ мебошад. Арзёбиҳои муштарак ва ҷамъоварии далелҳо, таблиғоти ҳамоҳангшудаи сиёсат ва омозиш аз ҷумлаи ҳамкориҳо буданд.
- Дар баъзе минтақаҳои кишвар сатҳи баланди ноамнии озуқаворӣ вуҷуд дорад, ки дар натиҷа гуногунии нокифояи ғизо ва таҷрибаи нодурусти ғизо ба вуҷуд омадааст. Низоми СММ мубодилаи далелҳо дар бораи ин масъаларо идома медиҳад ва барои афзоиши маблағгузорӣ ва вокуниши муассир бо ҳукумат ва дигар шарикон ташвиқотро пеш хоҳад бурд.
- Дастрасии заиф ба интернет ба талошҳо барои фарогирии бештари ҷавонон, бахусус духтарон дар деҳот ва беҳтар кардани дастрасии онҳо ба таҳсил, рушди малака ва имконоти кори муносиб монеа эҷод мекунад. Ҳисобҳои дақиқтари харочот ва далелҳо дар бораи пайвасти рақамии охирин ба ҷамоатҳо ва мактабҳо лозиманд.
- Зиёд шудани муҳоҷират аз деҳаҳо ба шаҳрҳо ба кори ҳоҷагии манзилию коммуналӣ сарбории азим эҷод мекунад. Таҷрибаи шаҳри Душанбе ва Шарҳи ихтиёрии[37] маҳаллӣ мумкин аст ба дигар шаҳрҳои Тоҷикистон барои пешбурди банақшагирии стратегӣ ва устувори шаҳрсозӣ ва рушди устувор паҳн карда шавад.
- Барои ноил шудан ба пешрафт дар қонунгузорӣ ва рӯзномаҳои сиёсат, таблиғ ва ҳамкорӣ дар сатҳи баланд ва устувор бо мақомоти миллии ҳуқуқи инсон зарур аст. Масалан, кори таблиғотӣ бо Комиссияи миллии ҳуқуқи кӯдак кӯшишҳоро барои дубора ба ҷомеа ворид кардани (реинтегратсияи) кӯдакони ба ватан баргашта аз сатҳи вазирон ба дастгоҳи иҷроияи Президент интиқол дод.
- Беҳтар кардани вазъи ҳуқуқи башар метавонад фазои сармоягузориро беҳтар кунад ва ба ҷалби бештари сармояи дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат намояд, ки барои Тоҷикистон ҷиҳати ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор муҳим аст.
- Гурӯҳҳои вобаста ба натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкории СММоид ба рушди устувор ҷиҳати таъмини равиши пайвастаи низоми СММ барои татбиқ, мониторинг ва гузоришдиҳӣ дар бораи натиҷаҳои интизорраванда кор мекунанд. Бо вуҷуди ин, баъзе робитаҳои муҳим ва синергизм (ҳампайвандӣ) байни натиҷаҳо нодида гирифта мешаванд. Дар соҳаҳои мухталифи Чаҳорчӯби ҳамкории СММоди ба рушди устувор ҳамкории бештар фаъол лозим аст.
- Тавре Шарҳи ихтиёрии миллӣ нишон дод, қариб нисфи ҲРУ ё 78 нишондиҳанда ба сабаби набудан ё нокофӣ будани иттилоот чен карда намешаванд.[38] Набудани омори боэътимод ва гурӯҳбандишуда ба таҳия ва татбиқи барнома монеа эҷод мекунад.
- Ин масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи низоми СММ ҷиҳати таблиғ ва дастгирӣ дар соли 2024 хоҳанд буд. Гурӯҳҳои вобаста ба натиҷаҳои Чаҳорчӯби ҳамкории СММоди ба рушди устувор Бознигарии иҷрои амалҳои солонаро баргузор намуданд ва бар асоси ин бознигарӣ, ба хулосае омаданд, ки ба Нақшаҳои кории муштараки кории Чаҳорчӯби ҳамкории СММоди ба рушди устувор ё дар чаҳорчӯби гурӯҳи кишварии СММ ҳеҷ гуна тағйирот лозим нест.

37. https://tajikistan.un.org/en/252225-dushanbe-city-launches-voluntary-local-review-process
38. ЭСКАТО, Азиатско-Тихоокеанский портал ЦУР. https://data.unescap.org/data-analysis/sdg-data-availability



© UN Tajikistan, 2023

# ТАСВИРИ МОЛИЯВИИ ЧАҲОРЧӮБИ ҲАМКОРИИ СММ ОИД БА РУШДИ УСТУВОР - 2023

### Сохтори маблағгузории ЧҲСРУ




### Маблағҳои асосӣ дар муқоиса бо маблағҳои ғайриасосӣ




### Ба нақша гирифта шуд ва иҷро шуд аз рӯи маблағҳои асосӣ




### Буҷа ва натиҷаҳо




### Таносуби маблағгузорӣ аз рӯи натиҷаҳо




## Сохтори маблағгузории ЧҲСРУ аз рӯи натиҷаҳо 2023

### Сохтори маблағгузории ЧҲСРУ аз рӯи натиҷаҳо




### Натиҷаҳо аз рӯи маблағҳои асосӣ ва ғайриасосӣ




## Маблағҳои ЧҲРУ аз рӯи донорҳо барои с. 2023 (бо доллари ИМА)




### Барномаҳои муштараки СММ 2023



## Маблағҳои ЧҲРУ аз рӯи ташкилотҳои СММ дар с. 2023 (бо доллари ИМА)




## Маблағҳои сарфшудаи ЧҲРУ аз рӯи ташкилотҳои СММ дар с. 2023 (бо доллари ИМА)






# Боби 3: Таваҷҷуҳи асосӣ дар соли 2024

Соли 2024 соли дуюми татбиқи муштараки Чаҳорчӯби ҳамкории СММ оид ба рушди устувор хоҳад буд. Дар сохтори гурӯҳи миллии СММ тағйироти ҷиддие дар назар нест. Низоми Созмони Милали Муттаҳид дастгирии ҳукуматро бо имконоти камхарҷ ва роҳиҳалҳо барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ва бунёди шарикӣ ҷиҳати маблағгузории рушд идома хоҳад дод. Барои пуштибонӣ аз ҳукумат ва дигар шарикон дар ин кор, низоми Созмони Милали Муттаҳид ба ҳимоят аз иқдомот ҷиҳати рафъи осебпазирӣ ва дар канормони дар Тоҷикистон идома хоҳад дод.

Низоми Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон ба сармоягузорӣ дар стратегияҳое афзалият хоҳад дод, ки метавонанд на танҳо сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон, балки сифати муассисаҳоеро тағйир диҳанд, ки барои расонидани хадамот ва мусоидат ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ масъулият доранд. Бо ин мақсад, СММ иқдомҳоеро амалӣ хоҳад кард, ки дар доираи ҲРУ ва ҳадафҳои сершумор таъсири бисёрҷониба дошта бошанд ва ба ҳукуматҳо дар бунёди низомҳои устувори озуқаворӣ кӯмак расонанд; дастрасӣ ба энергияро афзоиш диҳанд; пайвасти рақамиро тавсиа бахшанд; маблағгузорӣ ба таҳсилотро бо таваҷҷуҳ ба беҳтар кардани натиҷаҳои омӯзиш афзоиш диҳанд; шуғли муносиб ва ҳифзи иҷтимоиро таъмин намоянд; иқдомҳо ҷиҳати сармоягузорӣ барои мутобиқ шудан ба тағирёбии иқлимро суръат бахшанд ва олудашавӣ ва талафоти гуногунии биологиро коҳиш диҳанд.

Идораҳои СММ пешниҳоди машварат ва дастгирии техникиро тавассути ин стратегияҳо барои беҳтар кардани чаҳорчӯбаи сиёсат ва меъёрӣ, муайян кардани барномаҳои миллӣ дар асоси далелҳо ва қобили андозагирӣ ҷиҳати сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ ва баланд бардоштани иқтидори хизматрасонии ҳукумат ва шарикони ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан дар сатҳи маҳаллӣ ва маъмурӣ идома хоҳанд дод.

Кӯмаки техникӣ ба шарикони миллӣ минбаъд аз тариқи низоми UN 2.0, стратегияи корӣ барои тафаккури пешқадам ва баланд бардоштани маҳорати кормандони СММ, махсусан дар соҳаи таҳсилот, донишҳои рақамӣ ва иқтидори инноватсионӣ сурат мегирад. Созмони Милали Муттаҳид барои беҳтар кардани самаранокии фаъолияти худ ва ҳамоҳангсозии равишҳои тиҷоратӣ ҷиҳати фаъолият дар чаҳорчӯбаи "ЯК СММ" тавассути татбиқи "Стратегияи бизнес амалиётҳо" идома хоҳад дод.

Низоми СММ ба ҷалб ва истифодаи нерӯи ҷавонон ҳамчун катализатор (такондиҳанда) барои рушд таваҷҷуҳи бештар хоҳад дод. СММ фарогирии гурӯҳҳои осебпазирро таъмин хоҳад кард, то онҳо дар рушди ояндаи кишвар саҳми бештар дошта бошанд. Идораҳои СММ дар Тоҷикистон дар тасвиби Конвенсия дар бораи ҳуқуқи маъюбон пуштибонӣ хоҳанд кард. Гузашта аз ин, низоми СММ татбиқи Харитаи роҳи «Огоҳсозии бармаҳал барои ҳама»-ро дастгирӣ хоҳад кард.

Ғайр аз ин, СММ мусоидат ба мутобиқшавӣ ва коҳиш додани тағирёбии иқлимро дар тамоми ҷанбаҳо идома медиҳад, ки аз ҷониби Гурӯҳи минтақавии СММ" дастгирӣ меёбад. Ба Ҳукумат дар баргузории Конфронси 3-юми сатҳи баланд вобаста ба об «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар Душанбе, дар санаи 10-13 июни соли 2024 ва омодагӣ ба ҷаласаи "Саммити ояндаи СММ" дар моҳи сентябри соли 2024 кумак расонида мешавад. Зимни дастгирии ҳукумат дар иҷрои Барномаи махсус барои иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон (SPECA), ки он дар соли 2024 роҳбарӣ мекунад, СММ кумаки худро барои иҷрои уҳдадориҳои конфронси SPECA дар соли 2023 дар шаҳри Боку (Озарбойҷон) пешниҳод хоҳад кард.



© Didor Sadulloev, UN Tajikistan, 2023

Дафтари Ҳамоҳангсози Доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Лоҳутӣ 5, гузаргоҳи 1, 734013.

Тел: +992 (44) 6005854

Акс дар муқова:
Julia Wimmerlin, 2023

in | Instagram | YouTube | Twitter | f | flickr

@unintajikistan
www.tajikistan.un.org

Нусхаи электронии гузориш: